# Силсилаи тарбияи фарзандон, қисми сиюнуҳум: Муаддабу хушахлоқ намудани кӯдак

سلسلة تربية الأولاد، القسم التاسع والثلاثون: عن أصول التربية النبوية للأطفال

< Тоҷикӣ - Tajik – الطاجيكية >


## Муҳаммад Нур ибни Абдулҳафиз Свед

محمد نور بن عبد الحفيظ سويد

Таҳия: Ҳақназаров Тоҳир

إعداد: حقنظراو طاهر

## Пешгуфтор

Қаблан дар фасли нуҳум чанд услуби тарбиявии набавӣ, новобаста аз тарбияи фикрӣ ва ё равониро баён намудем. Пас ҳар гоҳ ҳеҷ василае дар ин робита барои кӯдак собиту устувор намонаду муфид воқеъ нашавад, ночор барои беҳбудиву раҳоӣ аз ин бунбаст бояд ба таъдибу танбеҳи кӯдак рӯй овард, то ин ки дарёбад, масъала ҷиддӣ аст ва шӯхӣ нест, ҳамчунин то маззаи дарду алами таъдибро бичашад, арзиши муҳаббату отифаеро, ки волидайнаш қабл аз амалӣ намудани ин амри таъдиб, ки нисбат ба ӯ анҷом медоданд, дарк кунад ва зарурати итоату фармонбардорӣ, хушхулқиву некрафториро эҳсос намояд.

Имом Муҳаммади Ғаззолӣ (р) мегӯяд: "Вақте *кӯдак дар ибтидои рушду нумӯяш ба ҳоли худ гузошта шавад (нисбат ба тарбияву таҳзиби дурусти ӯ таваҷҷӯҳе нашавад), ғолибан ба ахлоқи пасту баде дучор мегардад, аз қабили дурӯғгӯӣ, ҳасудӣ, дуздӣ, суханчинӣ, зиёдагӯӣ, пурхандагӣ ва найрангбозиву ҷинояткорӣ. Аз ин рӯ, танҳо чизе, ки ӯро аз тамоми ин сифатҳои разила маҳфуз медорад, ҳамон хуб муаддабу хушахлоқ намудани ӯ мебошад*".

Аммо бояд донист асосу услуби саҳеҳи ин муаддабу хушахлоқ намудани кӯдак чист? Ва чӣ гуна падар кӯдаки худро муаддаб кунад, то мафҳуму мисдоқи ин фармудаи Пайғамбари акрам (с) дар ҳаққи ӯ таҳаққуқ ёбад, ки мефармоянд: «***Агар падар фарзанди худро дуруст таъдиб намояд, барои ӯ аз садақа ва бахшидани миқдори моле беҳтар мебошад***».[1]

Бояд донист, ин навъ танбеҳ ба хотири муаддабу хушахлоқ намудани кӯдак аст, на муҷозоти ӯ, чун Пайғамбари акрам (с) мефармоянд: «***Вақте ки фарзанди шумо ба синни ҳафтсолагӣ расид, намоз хонданро ба ӯ дастур диҳед ва агар ба синни даҳсолагӣ расиду***

[1]. Ба ривояти Тирмизӣ.

***намозро нахонд*** *(дастури шуморо низ барои хондани он анҷом надод),* ***ӯро танбеҳ кунед*** *(ба гунае ки ба устухону гӯшти онон зараре нарасад)».*[2] Лозим ба ёдоварист, ки ин дастур ба тариқи таъдибу таҳзиб мебошад, на ба тариқи уқубату муҷозот, зеро уқубату муҷозот мӯҷиби ҷинояту хилофкорӣ аст, дар ҳоле ки амали бади кӯдаку хилофкории девона ҷиноят маҳсуб намешавад. Чун кӯдаке, ки ба ҳадди булуғ нарасидаву девонае, ки ба сари ақл наомадааст, мустаҳиққи уқубату таъдиб намебошанд.

## Асоси аввали таъдибӣ, муаддабу хушахлоқ намудани кӯдак як зарурати тарбиявӣ аст

Табиист, ки таъдибу таҳзиби кӯдак як амали интиқомҷӯӣ аз ӯ нест, балки ҳадаф аз ин амр васила қарор додани он барои муаддабу хушахлоқ намудан ва парвариши дурусти кӯдак мебошад.

Ибни Ҷаззори Қайрувонӣ таъдибу таҳзиби кӯдакро дар даврони туфулият амри зарурӣқарор дода гуфтааст: *“Даврони кӯдакӣ осонтарину нармтарин даврони фармонбардориву беҳтарин замони пазириши амри таълиму тарбия мебошад. Агар чунончи дар муқобили муддаои он касоне, ки мегӯянд: “Мо дар миёни кӯдакон кӯдакеро меёбем, ки ба тариқи саҳлу осон тарбияву адабро мепазирад, аммо кӯдаки дигаре онро чунон намепазирад. Ҳамчунин кӯдакеро мебинем, ки бисёр муаддабу бошарму ҳаё аст, вале кӯдаки дигар бисёр бешарму ҳаё мебошад. Якеро мебинем дар таълиму тарбия бисёр ҳарису кӯшо мебошад, аммо дигаре аз таълиму тарбия мутанаффиру гурезон аст. Боз дар миёни афроди соҳибинояту огоҳ кӯдаке ёфт мешавад, ки вақте мавриди мадҳу ташвиққарор гирад, илму огоҳии зиёдеро меомӯзад, вале кӯдаки дигаре ҳаст, ки дар асари сарзаниши дигарон ва ё ба воситаи маломати муаллим чизеро меомӯзад ва ё фақат аз тарси задан дарс мехонад. Илова бар ин, дар миёни он идда аз кӯдаконе, ки аз таълиму илмомӯзӣ гурезону мутанаффиранд, боз ихтилофи зиёде ба чашм мехӯрад, ба гунае ки баъзе бисёр дурӯггӯиро дӯст медоранд, иддаи дигаре садоқату дурусткориро дӯст медоранд, боз дида мешавад, ки бархе аз онон ба сабаби табъу сиришташон ахлоқи мутафовит доранд ва зидди якдигаранд. Пас, ин гуфтаи ту чӣ маъно дорад, ки мегӯӣ: “Чӣ хуб аст кӯдакон дар ибтидои кӯдакӣ муаддабу хушахлоқ шаванд ва бо тарбияву парвариши саҳеҳ рушду нумӯ кунанд, дар ҳоле ки худи ту гузашта аз таълиму таъдиб дар табъу сиришт бо дигарон ихтилоф дорӣ? Пас чӣ*

---

[2]. Ба ривояти Ҳоким ва Абӯдовуд.

*гуна мегӯӣ: “Адаб ва табъу сиришти накӯҳидаву мазмумро ба табъу сиришти неку ситуда интиқол медиҳад?*
*Дар ҷавоби ин саволҳои зиёди матраҳшуда мегӯем: “Аммо он чи аз табъу сиришти кӯдакону ихтилофи ононро бо якдигар, ки баён намудӣ, ҳамчунин дар ин пурсиши охир, ки мегӯӣ: Чӣ гуна табъу сиришти мазмуму накӯҳида ба табъу сиришти неку ситуда интиқол меёбад? Ба таври қатъӣ мегӯям: “Ҳатман вазъ ба ҳамон гуна аст, ки ман мегӯям ва ҳеҷ шакке дар он нест, зеро бояд донист онкасе, ки дорои табъу сиришти накӯҳида мебошад, бешак дар даврони кӯдакияш нисбат ба муаддабу хушахлоқ намудани ӯ кӯтоҳӣ шудааст, ба гунае ки табъу сиришти ӯ ба ҳар чизи мазмуму нописанде, ки майл дошта, ба ҳоли худ гузошта шудааст, то ба он одат варзад ва ё ба чизҳое муътод гардад, ки ҷузъи масоили гаризиву сиришти ӯ намебошанд. Пас, дар ин сурат агар он чизҳои зишту накӯҳида ва ин ашёи хориҷ аз гаризаву сиришти ӯ бар чунин фарде голиб шуда, дар вуҷуду замири ӯ устувор шудаву мустаҳкам гаштааст, мусалламан зудудани онҳо аз тариқи адаб мушкил мебошад ва камтар метавон он чиро, ки дар даврони кӯдакияш ба он одат кардаву хӯ гирифтааст, ба вазъу ҳолати дигаре интиқол дод.*
Файласуф «Абӯвос» гуфтааст: *“Бештари мардум, ки дорои ахлоқи баду кирдору рафтори накӯҳида мебошанд, дар асари даврони кӯдакии онон аст, ки дар он даврон ба амри тарбияву таъдиби дуруст ва ҳамчунин ба ислоҳи ахлоқу некӯ сохтани кирдору рафтори онон таваҷҷӯҳе нашудааст.*
Пас, ба ҳамин хотир аст, ки мо бо таъкид мегӯем:
*“Бояд кӯдаконро дар ҳамон даврони хурдсолӣ муаддабу хушахлоқ сохт, зеро онон дар даврони хурдсолӣ тасмими қотеъу иродаи устувор надоранд, ки битавонад эшонро нисбат ба он чи, ки мавриди дастур қарор мегирад, аз қабили эътиқоди поку дуруст, рафтору кирдори ситуда ва роҳу равиши матлубу намуна, боз дорад, ба ин иллат, ки дар даврони кӯдакӣ ҳанӯз одатҳои пасту нодуруст бар эшон голиб нашудааст, то ин ки монеъи пазиришу пайравӣ аз он чизе шавад, ки мавриди назар мебошад”.*
*Бинобар ин, касе, ки фарзанди худро дар даврони кӯдакияш муаддабу хушахлоқ месозад ва ӯро ба афъоли ситуда, эътиқоди писандида, роҳу равишҳои дурусту зебо одат медиҳад, бидуни шак, ӯ ба ин васила ба фазилату бартарӣ даст ёфта, ба муҳаббат, каромат ва ниҳояти саодату сарфарозӣ ноил шудааст. Аммо касе, ки чунин равишу барномаеро нисбат ба фарзанди худ канор мегузораду ба он таваҷҷӯҳе зоҳир наменамояд ва фарзандашро ба ҳоли худ раҳо мекунад, ҳатман ин вазъ ӯро ба тарафи бузургтарин нуқсу бадтарин ҳақорату разолат мекашонад.*

*Аз ин рӯ, умед аст чунин падаре ба худ ояду фазоилу бартариҳои болоро аз даст надиҳад ва то фурсат боқӣ асту имкони дастёбӣ ба онҳо барои ӯ муяссар аст, барои касби ин хислатҳо мубодарат варзад. Дар ғайри ин сурат фурсатро аз даст медиҳад, ба тавре ки дастрасии муҷаддад ба он барои ӯ имконпазир нест ва ҷуз ҳасрату надомат, ки натиҷаи хатову саҳлангориву сустии ӯ мебошад, чизи дигаре ҳосилаш нахоҳад шуд. Ба хотири ин ки мо баъзе аз мардумро мебинем, ки роҳу равиши пасту накӯҳидаро ва тариқаи неку ситударо медонанду ба хубӣ он дуро аз ҳам ташхис медиҳанд, аммо барои онон мушкил аст, ки аз он роҳу равиши пасту накӯҳида даст бардоранду ба ин роҳи неку ситуда рӯй биоваранд. Ба ин иллат, ки онон дар даврони кӯдакӣ ба он равиши пасту накӯҳида одат варзидаанду ба он муътод шудаанд. Агар ҳам аҳёнан ба сурати сохта ва дар зоҳир ба хотири шарму ҳаё аз дигарон роҳу равиши неку ситударо бар худ таҳмил кунанд, боз он равиши пасту нописандро аз худ дур намесозанд, ба ин хотир, ки ҳар гоҳ танҳо шаванду дар хилват бимонанд, ба он роҳу равиши накӯҳидае, ки бар он одат карда дар сиришту табиати онон ҷойгир шудааст, бармегарданд.*

Агар гӯянд: *"Чаро одат дар вуҷуди инсон ҷой мегирад?"*

Мегӯем: *"Он ба ин иллат аст, ки инсон маъмулан ба тамрин кардану одат варзидан ба чизе моилтару ба рӯй овардан бар он ҳаристар ва ба тамассук ҷустан ба он кӯшотар мебошад. Аз ин рӯ, ҳар гоҳ инсон ба чизе одат карду дар сиришту табиати ӯ ҷойгир шуд, ҳеҷ асбобу авомили пасту накӯҳидае қавитару корсозтар аз он намебошанд. Бинобар ин, агар дар чунин ҳолате ба табъу сиришти кӯдак аҳамият дода нашавад, мусалламан дар сурате ки одат дар вуҷуди ӯ истеҳком ёбаду ҷой гирад, ҷои табиату сириштро мегирад, худ ба танҳоӣ ва ба шакли нерӯмандӣҳамон асари табиату сириштро ба ҷой мегузорад.*

*Албатта ногуфта намонад ҳамчунонки роҳу равиши накӯҳидаву одати нописанд ҷузъи табиату сиришти шахс мегардад ва аз ӯ ҷудо намешавад, роҳу равиши неку писандида низ ҷузъи хислатҳои ҳамидаву одати шариф ва ситудаи шахс гардида, аз ӯ ҷудо намешавад, ба ин хотир, ки чунин шахсе дар даврони кӯдакӣ бар асоси табиату сиришти нек ва бар одати писандида тарбияву парвариш ёфтааст. Аз ин рӯ, ин хислатҳои ҳамида аз ӯҷудо намешаванд, чун бар асоси ин ду ҷиҳати қавию устувор, яъне табиату одат муаддабу муҳаззаб шуда парвариш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, ки яке аз донишмандон гуфтааст: "Одат як табиати сонавӣ мебошад. Аммо чун одат, дар воқеъ, ҳамон мавқеияти табиатро дорад, аз ин рӯ, лозим аст волидайн фарзандони худро дар даврони кӯдакиву хурдсолӣ муаддабу хушахлоқ созанд,*

*ононро ба аъмоли неку равиши писандида одат диҳанд ва бар асоси тарбияи хубу бартар парвариш кунанд, то ин ки агар табиату сиришти онон ин тарбияи хубро пазируфт, ҷузъи афроди судманду муаддабу мутааҳҳид шуда, ба сурати ашхоси фозилу бартаре дароянд. Агар чунончи кӯдаке ёфт шуд, ки табиату сиришти ӯ ин тарбияи неку хислатҳои ситударо напазируфт, лозим нест, ки мо аз ӯ даст бикашему ғофил бимонем ва аз фурсатҳое, ки имкони таъдибу таҳзиб намудани ӯ дар онҳо барои мо муяссар мебошад, истифода накунем, ки саранҷом ба маломату сарзаниши худ пардохта бигӯем: “Дар ҳақиқат мо иштибоҳ кардем, дар он замоне, ки тарбияву одатпазирии нек барои фарзандонамон имконпазир буд, истифода накардем ва ононро мавриди сарзанишу маломат қарор надодем, дар ҳоле ки мо медонистем, хатову иштибоҳи хурду андак, ки дар авоили умур, усул ва қавоиди онҳо рух медиҳад, саранҷом дорои зиёни бузурге мебошад. Ҳамчунин ин воқеиятро дарк мекардем, ки оқибати неку ситуда дар асари ростиву дурусткорӣ ҳосил мешавад, ба ин тартиб, ки бояд ҳар чизе бар асоси усулу қавоиди саҳеҳ поярезӣ шавад...”*

Оре, мо дар ин боб ба таври кофиву расо ва ба сурати возеҳу равшан тавзеҳ додем. Барои ҳар кас ин воқеият ошкору мушаххас гардид, ҳеҷ гумоне дар ин нест, ки кори саҳеҳу дуруст он аст, ки кӯдак бояд дар даврони кӯдакиву хурдсолияш муаддабу муҳаззаб шавад. Агар чунончи, кӯдак табиату сиришташ ба монанди табиату сиришти фарди бефарҳангу ғайри оқиле буду муаддаб нашуд, ин тавзеҳоту раҳнамоиҳо роҳи дурусту мантиқиро ҷиҳати танбеҳу ислоҳи чунин кӯдаке барои шахси эътирозкунанда ба табиату сиришти ӯ мушаххас ва муайян кардааст. Лекин, агар кӯдак дорои табиату сиришти хубе бошад, яъне соҳиби шарму ҳаё, дӯстдори каромату улфат, ошиқи садоқату дурустӣ бошад, қатъан таъдибу таҳзиб намудани ӯ амри саҳлу осон аст. Осонии он ба ин далел аст, ки мадҳу ситоиш ҳангоми эҳсону некӣ ва ё маломату накӯҳиш дар вақти бадиву хилофкорӣ аз ҷониби ӯ бештар аз уқубату сарзаниши дигарон асар мегузорад.

Аммо агар кӯдак дорои шарму ҳаёи чандоне набошад ва нисбат ба каромату улфат эътиное накунад, ба гунае ки ошиқи дурӯғу хилофкорӣ ва мӯътод ба фиребу найранг кардан бошад, ба ростӣ, таъдибу таҳзиб намуданаш амри мушкил мебошад ва лозим аст дар ҳаққи чунин кӯдаке ҳангоми сар задани бадиву хилофкорӣ аз ҷониби ӯ ба тарсонидану бим додан мутавассил шуд. Агар аз роҳи тарсонидану бим додан низ муваффақияте ҳосил нашуду кӯдак ислоҳ нагардид, ин

бор бояд ӯро танбеҳ кард (ба гунае ки ба устухону гӯшти ӯ зараре нарасад).

Албатта, ногуфта намонад, лозим аст, кӯдак пайваста дар гуфтору кирдораш ва дар нишастану бархостанаш бо мардум мавриди муроқабату ҷустуҷӯи дақиққарор гирад. Ҳамчунин лозим аст, ки хобидану бедор шуданаш ва хӯрдану нӯшиданаш комилан зери назар бошад. Набояд фаромӯш кард, ки дар тамоми ин мавридҳо бояд он чиро, ки афроди оқилу хайрандеш дар ҳаққи ӯ лозиму зарурӣ медонанд, риоя гардида, мутобиқи раҳнамоиҳои созандаи онон амал шавад, то ин ки табиату сиришти ин гуна кӯдакон ва афроди ҳамчун онон ба монанди табиату сиришти неки ашхоси оқилу хайрандеш гардида, мутобиқи роҳу равиши писандидаи онон муаддабу муҳаззаб шаванд...[3]

Нуктаи шоёни зикр ин аст, ки вақте ин ҳақиқат собиту равшан шуд, ки таъдибу таҳзиби кӯдак як амри зарурии тарбиявӣ мебошад, аз ҷиҳати дигар бояд донист, ки ҳушёриву бедории волидайн ва мураббиён, дарки кайфияти кирдору рафторашон, дарки дурусти табиату сиришти эшон, интихоби навъи уқубат ва шеваи бархӯрд бо онон амри лозиму зарурӣ мебошад...

## Асоси дуюми таъдибӣ,
## ислоҳи хатои фикрӣ ва амалии кӯдак

Матлабе, ки ҳеҷ шакку шубҳае дар он нест, ин аст, ки аз байн бурдану решакан сохтани хатову иштибоҳ дар фикру вуҷуди кӯдак як муваффақияти дурахшону пирӯзии бузурге дар амали тарбиявӣ ба ҳисоб меояд. Табиист, агар дар сиришт ва решаёбии ҳар навъ хатое диққату таммули кофӣ намоем, ба хубӣ дармеёбем, ки аслу асоси ҳар хатову иштибоҳ такя бар се чиз дорад: Мумкин аст сабаби хатову иштибоҳ фикрӣ бошад, ба ин маъно, ки кӯдак дорои фикри саҳеҳу дуруст дар бораи чизе, ё матлаби мавриди назар набошад. Пас он чи, ки дар ихтиёраш ҳаст, тасарруф мекунад ва дар натиҷа дучори хатову иштибоҳ мегардад. Ё ин ки сабаби амалӣ аст, ба ин сурат, ки кӯдак амалан қодир ба анҷом додану устувор сохтани кор нест, ба тавре ки дасту ангуштонаш тамрини кофӣ ва короии хуберо барои анҷоми он кор надорад, аз ин рӯ, дучори хатову иштибоҳ мешавад. Ё ин ки мумкин аст сабаби ин хатову иштибоҳ худи кӯдак бошад, ки шахсан қасди онро мекунад ва ё аз

[3]. Нақл аз «Сиёсатус-сибёни ва тадбируҳум».. – С. 134 ба таҳқиқи Доктор Муҳаммад Ҳабиб ас-Суҳайла.

ҷониби афроди бадсиришту мунҳариф дучори хатову иштибоҳ мешавад, аз ин рӯ, бар хатову иштибоҳи худ исрору пофишорӣ меварзад... Бинобар ин, мутобиқи ин таърифу таъйини аслу асоси хатову иштибоҳ решакан сохтану ҷуброни он аз ду тариқи зер бисёр осон мебошад:

## 1. Ислоҳ намудани хатои фикрӣ

Равшану возеҳ аст, ки кӯдак низ ба монанди ҳар мавҷуди зиндаи дигар огоҳияш камтар аз ноогоҳияш мебошад, ба ибораи дигар, ҷаҳлаш бештар аз илмаш мебошад. Аз ин ҷиҳат, вақте кӯдак амали дурустро бидонаду онро анҷом диҳад ба он шод мегардаду мекӯшад пайваста ҳаракати писандидаву қобили ситоишеро дар пеш гирад.

Табиист, инсон душмани чизе аст, ки онро намедонад, аз ин рӯ нахустин қадам ҷиҳати таълиму тарбияи саҳеҳу дурусти кӯдак иборат аст аз таҳзиби ахлоқу ислоҳи хатову иштибоҳи ӯ. Ҳамчунонки вақте кӯдаке дучори хатову иштибоҳе мешуд, Пайғамбари акрам (с) нахуст появу сохтори фикрии ӯро дурусту ислоҳ мекарданду сипас ба рафъи хатову иштибоҳаш мепардохтанд. Барои ин кор услуби бисёр муҳаббатомези вижаеро аз қабили меҳрварзӣ, мулотафат ва нармиву мулоиматӣ ба кор мебурданд. Инак, тавзеҳи ин матлабро дар қолаби чанд ҳадис баён мекунем:

Абдурраҳмон ибни Абууқба аз падараш, ки аз маволии аҳли форс буд, ривоят намуда, ки мегуфт: *"Ҳамроҳи Пайғамбар (с) дар ғазваи Уҳуд ширкат варзидам ва дар ҷанг марде аз мушрикинро задам ва дар он ҳангом ба ӯ гуфтам: "Ин зарбаро аз ин навҷавони форс бигир". Пас, Пайғамбар (с) ба ман нигоҳ карда фармуданд:*

***«Чаро нагуфтӣ аз ин навҷавони ансорӣ? Чун хоҳарзодаи фарди ҳар қавме ҷузъи он қавм маҳсуб мешавад».*[4]**

Чунонки мулоҳиза мешавад, Расули Худо (с) чӣ зебову шигифтангез таълими ин навҷавон ва ислоҳи иштибоҳи ӯро дар майдони корзору бухбухаи ҷанг бо ҷумлаи «***...хоҳарзодаи фарди ҳар қавме ҷузъи он қавм маҳсуб мешавад***» баён мекунанд ва ҳамроҳ бо лутфу муҳаббат ва нармиву мулоимат ба оғоз намудани «***Чаро нагуфтӣ...***» иштибоҳи ӯро ислоҳ мекунанд. Ин таълиму ислоҳро ба унвони як асл ва қоида барои ӯ қарор медиҳанд, то дар зиндагияш мутобиқи он ҳаракат кунад.

---

[4]. Ба ривояти Абудовуд аз Раҳмон ибни Абууқба, ёдовар мешавад, ки Ибни Уқба модараш аз қавми Ансор буд.

Пас, хозеъона ва аз таҳти дил мегӯем: “*Дуруди Худо бар ин сарвару муршиди мо ва бар ин муаллиму сармашқи некӯи мо, яъне ҳазрати Муҳаммад (с) бод!*

Аз Абуҳрайра (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “*Ҳасан ибни Алӣ (р) хурмое аз хурмоҳои закотро бардошту дар даҳони худ гузошт, Расули Худо (с) ба унвони манъ кардан аз ин кор ба ӯ фармуданд: «(Даст нигоҳ дор)* ***Онро бипарто».*** *Сипас фармуданд:*

***«Магар надонистаӣ, ки закот барои мо ҳалол нест ва онро намехӯрем?».***[5]

Дар ин ҳадис нуктаи зебову ҷолибе, ки вуҷуд дорад иборат аст, аз шеваи манъ кардан аз хӯрдани он хурмо ба василаи ба кор бурдани калимаи «*(Даст нигоҳ дор)* ***онро бипарто»****, ки билофосила Пайғамбар (с) иллати манъ аз хӯрдану ҳалол набудани онро барои кӯдаке ҳамчун Ҳасан ибни Алӣ (р) бо ин ибораи мулоим баён фармуданд:* ***«Магар надонистаӣ, ки закот барои мо ҳалол нест ва онро намехӯрем?»****, то ин ки бузургтарин асарро дар нафсу даруни ӯ бигузоранд...*

Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “*Пайғамбар (с)-ро дар яке аз сафарҳояшон ғуломе ҳабашӣ, ки ӯро Анҷаша мегуфтанд, ҳамроҳӣ мекард. Ин ғулом овози зебое дошт ва шутуреро, ки яке аз уммаҳотулмӯъминин ва Уммисулайм модари Анас бар он савор буданд, бо садои зебои худ меронд. Шутур низ дар асари он садои зебо ба тараб дармеомад ва бар суръати худ меафзуд, ки дар натиҷа занони савори бар он озор меёфтанд ва нороҳат мешуданд. Пайғамбари акрам (с) ба он навҷавони ҳабашӣ хитоб карда фармуданд:*

***«Эй Анҷаша! Чӣ хабар аст? Рондани шутурро ором соз*** *(ва садоятро паст кун, то занони савор бар он)****, ки ба монанди қаворир*** *(шиша)* ***ҳастанд, садама набинанду озор наёбанд».***[6]

Дар ривояте омадааст, ки дар рӯзи Арафа Пайғамбари акрам (с) ба Ибни Аббос (р) хитоб намуда фармуданд:

***«Эй писар!*** *(Кофӣ аст ин ки бидонӣ)* ***Бегумон ин*** *(рӯзи Арафа)* ***рӯзе аст, ки касе дар он чашми худро*** *(аз нигоҳи номаҳрам)* ***маҳфуз бидорад, омӯрзида мешавад».***[7]

Дар ривояте омадааст, ки Уммисалама (р) гуфт: “*Писарбаччае ба номи Афлаҳ доштем, ҳангоми саҷда кардан хоки саҷдагоҳро тоза мекард. Пайғамбари акрам (с) ӯро дида фармуданд:*

---

[5]. Ба ривояти Муслим ва Бухорӣ аз Абуҳурайра (р).

[6]. Ба ривояти Шайхайн аз Анас (р).

[7]. Ба ривояти Таёлисӣ.

*«Эй Афлаҳ! Пешониятро бо хоки саҷдагоҳ олуда кун».*

## Пайравӣ намудани саҳоба (р) аз Пайғамбар (с) дар ислоҳ намудани афкори кӯдакон

Дар ривояте омадааст, ки Собити Банонӣ гуфт: “*Назди Анас будам, дар ҳоле ки духтараш низ дар назди ӯ буд. Анас гуфт: “Дар ҳузури Расули Худо (с) будам, зане пешашон омаду худро муаррифӣ карда, гуфт: Эй Расули Худо! Агар маро шоиста бидонед ҳозирам бо шумо издивоҷ кунам, то шуморо хидмате бинамоям”. Духтари Анас инро, ки аз падараш шунид, гуфт: “Вой, вой! Аҷаб зани пуррӯву бешарме!” Анас гуфт: “Вай аз ту беҳтар аст ба хотири ин ки ӯ бар асари шиддати алоқаву рағбате, ки ба Пайғамбар (с) дошт, худро бароящон муаррифӣ карда, аз он ҳазрат (с) чунин дархост кард”.*[8]

Ибни Умар (р) хатои кӯдаконро ислоҳ мекарду гуфтаҳои Пайғамбари акрам (с)-ро ба онон мерасонд. Чунончи дар ривоят омадааст, рӯзе аз назди иддае аз навҷавонони Қурайш мегузашт, дид, ки паррандаеро насб намуда, ба сӯи он тирпарронӣ мекунанд ва дар муқобили ҳар тире, ки аз эшон ба хато мерафт, чизе барои соҳиби парранда медоданд. Вақте ки Ибни Умар (р)-ро диданд, пароканда шуда, аз он кор даст бардоштанд. Ибни Умар (р) гуфт: “*Чӣ касе ин корро кардааст? Нафрини Худо бар касе бод, ки ин корро кардааст! Зеро Расули Худо (с) нафрин кардаанд касеро, ки мавҷуди зиндаеро инчунин мавриди ҳадаф қарор медиҳад”.*[9]

Дар ривоят омадааст, ки Абдуллоҳ ибни Муғаффал (р) гуфт: “*Дар ҳоле ки “бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим”-ро мехондам, падарам ба гӯшам расонида гуфт: “Эй писарам, аз эҳдоси бидъат ҳушёр бош” ва боз гуфт: “Ман аз ҳеҷ як аз асҳоби Расули Худо (с) надидаам, ки назди онон чизе мабғузтар аз эҳдоси бидъат дар Ислом бошад. Ман бо Пайғамбари акрам (с), бо Абубакр, бо Умар ва бо Усмон (р) намоз хондаам, аз ҳеҷ як аз онон нашунидаам, ки онро бигӯянд, пас ту низ онро магӯ. Ҳар вақт намоз мехонӣ бигӯ:* **«Алҳамду лиллоҳи рабби-л-ъоламин...».**[10]

---

[8]. Ба ривояти Бухорӣ ва Насоӣ аз Собити Банонӣ.

[9]. Ба ривояти Муслим ва Бухорӣ аз Ибни Умар (р).

[10]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Абдуллоҳ ибни Муғаффал (р).

Тавзеҳи ин нукта зарурӣ ба назар мерасад, ки дар миёни аиммаи арбаа ихтилоф бар сари ин аст, ки оё ҳангоми намоз гузоридан баъд аз гуфтани такбири таҳрима ва қабл аз қироати сураи Фотеҳа» *«бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» гуфта шавад, ё на?*

1 – Ҳанафиҳо мегӯянд: *«бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» ҷузъи сураи Фотеҳа» намебошад, аз ин рӯ ҳангоми намоз гузоридан барои пешнамоз ва ғайри пешнамоз мустаҳаб аст дар ҳар ракъате ба сурати ниҳонӣ ва қабл аз қироати сураи Фотеҳа» хонда шавад. Хоҳ дар намози сиррӣ бошад (монанди намозҳои пешину аср) ва ё дар намозҳои ҷаҳрӣ (монанди намозҳои бомдод, шом ва хуфтан).*

Оре, дар боби одоби хӯрок хӯрдан баён гардид, ки чӣ гуна Пайғамбари акрам (с) шеваи саҳеҳи хӯрок хӯрданро ба василаи раҳнамоии фикрӣ ба кӯдакон меомӯхтанд ва хатои эшонро ислоҳ мекарданд. Ҳамчунин донистем, ки ба ростии ислоҳи фикрӣ, таълими кӯдак, гуфтугӯи мустақим бо ӯ, низ шарҳу тафсири масоил ва баёни иллату сабаби умур барои ӯ як рукни қавӣ дар костани хатоҳову иштибоҳоташ мебошад ва дар ислоҳи ҳаракоту рафтораш нақши босазоеро ифо мекунад...

### 2. Ислоҳи хатои амалӣ

Чӣ басо иқдом ба анҷоми амалҳое аз кӯдак хоста мешавад, ки қаблан онҳоро анҷом надода, ё шоҳиду нозири касе набудааст, ки онҳоро анҷом диҳад. Аз ин ҷиҳат, кӯдак бехабару ноогоҳ мемонад ва ҳар вақт анҷоми чунин коре аз ӯ хоста шавад, бешубҳа дар хатову иштибоҳ афтида, ниёзманд ба ислоҳи он мешавад. Агар дар баробари ин хатову иштибоҳ мавриди муҷозот қарор гирад, мусалламан нисбат ба ӯ зулм мешавад, чун ҳангоме ки Расули Худо (с) ба ин гуна масоил бархӯрд мекарданд, бо камоли матонат кӯдакро бо равиши амалӣ роҳнамоӣ менамуданд. Бо суръат пеши ӯ мерафтанду амалан ба ӯнишон медоданд, ки чӣ гуна корро хуб анҷом диҳад ва ин худ ёдовариву таълими бисёр хубе аст барои падару модар ва мураббиён. Чунонки дар ривояте омадааст, "Расули Худо (с) аз назди кӯдаке гузаштанд, диданд, ки пӯсти гӯсфанди забҳшудаеро меканад, аммо хуб балад нест. Он ҳазрат (с) фармуданд: ***«Як тараф ист, то ин корро ба ту нишон диҳам!».*** Баъд остини худро боло зада, дар пеши чашми кӯдак дасти худро ба даруни пӯсту гӯшти соқи пои гӯсфанд фурӯ бурданд ва дар асари он пӯсти гӯсфанд варам карда боз шуд, то ин ки дасти он

---

2 – Моликиҳо мегӯянд: *«бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» мустақил аст ва ҷузъи сураи Фотиҳа» намебошад, аз ин рӯ гуфтани он дар намозҳои воҷиб кароҳат дорад, чӣ сиррӣ ва чӣ ҷаҳрӣ, магар замоне, ки намозгузор нияти хуруҷ аз хилоф дошта бошад, дар ин сурат мустаҳаб аст ба ниҳонӣ онро бигӯяд. Ва дар намозҳои суннат ҷоиз аст онро қабл аз қироати Фотеҳа» ба таври ниҳонӣ бихонад.*

3 – Шофеъиҳо мегӯянд: *«бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» ояте аз сураи Фотеҳа мебошад ва ҳукми он ба монанди ҳукми сураи Фотеҳа» аст. Пас, воҷиб аст дар ҳар ракъате қабл аз сураи Фотеҳа хонда шавад, хоҳ дар намози сиррӣ бошад ва ё дар намозҳои ҷаҳрӣ (ба ин сурат, ки пешнамоз дар намози ҷаҳрӣ дар ду ракъати аввал онро бо садои баланд бихонад ва дар соири ракъатҳо, ҳамчунин дар намозҳои сиррӣ ҳамроҳи афроди муқтадӣ онро ба сурати ниҳонӣ бихонанд).*

4 – Ҳанбалиҳо мегӯянд: *«бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» ҷузъи сураи Фотеҳа» намебошад, аз ин рӯ, гуфтани он ба сурати ниҳонӣ дар ҳар ракъате мустаҳаб мебошад.*

Нақл аз «Китобу-л-фиқҳи ала-л-мазоҳиби-л-арбаъа». – Ҷ. 1.. – С. 257 ва «Фиқҳу-с-сунна». – Ҷ. 1.. – С. 115.

ҳазрат (с) ба зери бағали он расид. Сипас онро гузошта рафтанд, то барои мардум намози ҷамоатро бихонанд».[11]

Бинобар ин, лозим аст, пайваста шиори волидайну мураббиён дар таълими фарзандон ва дар рафтору кирдорашон нисбат ба онон ин фармудаи Пайғамбари акрам (с) бошад: ***«Яктараф ист, то ин корро ба ту нишон диҳам»,*** зеро ин кор барои кӯдакон беҳтарин таълим аст ва огоҳии саҳеҳ ва эҷоди появу асоси дурусту муваҷҷаҳ ва олитарин роҳу равиши солим дар кори тарбиявӣ мебошад.

## Асоси сеюми таъдибӣ, ба тадриҷ адаб омӯзондани кӯдак

### Марҳалаи аввал, тарсондани кӯдак

Равшану возеҳ аст ва таҷриба низ нишон додааст, бисёре аз кӯдакон ба василаи нишон додани тозиёна ва соири абзори танбеҳу муҷозот ба онон метарсанд ва ба маҳзи нишон додани ин гуна абзор ба эшон зуд ислоҳ мешаванд, даст аз хилофкориву нофармонӣ бармедоранд, дар иҷрои раҳнамоиҳои волидайну мураббиён худро вазифадор медонанд ва ахлоқу рафтори худро ислоҳ менамоянд. Чунонки дар ривояте омадааст, кӯдаконе, ки ба василаи таъдиби амалӣ ва бо панду андарзи мулоим ислоҳ намешаванд, барои тарсонидани онон бояд *«тозиёнае дар хона овезон шавад»*.[12]

Дар ривояти дигар омадааст: ***«Тозиёнаро дар ҷое қарор диҳеду овезон кунед, ки аҳли хона онро бубинанд, чун ин кор мӯҷиби*** *(тарсонидан ва дар натиҷа)* ***адаби онон мешавад».***[13]

Қаблан ҳам баён гардид, ки Пайғамбари акрам (с) ба Муъоз ибни Ҷабал (р) супориш доданд: ***«Ва дар таъдиб намудани онон*** *(хонаводаат)* ***ҳеҷ гоҳ кӯтоҳӣ макун ва даст бармадор».***[14]

Бинобар ин, лозим аст дар хона тозиёна ва ё чӯбдасте вуҷуд дошта бошад, то кӯдаконе, ки аз равиши фикриву амалӣ ва аз роҳи панду андарз ислоҳ намешаванд, ба василаи ин гуна абзор тарсонида шаванд, шояд ислоҳ гашта, аз хатову хилофкорӣ ва аз нофармониву ситези худ даст бардоранд.

---

[11]. Ба ривояти Абӯдовуд аз АбӯСаъиди Худрӣ (р).

[12]. «Ал-Адабул-муфрад». – Ҷ. 2.. – С. 656.

[13]. Ба ривояти Абдурраззоқ ва Табаронӣ аз Ибни Аббос (р) ба таври марфӯъ.

[14]. Ба ривояти Имом Аҳмад, Ибни Моҷа ва Бухорӣ дар «Ал-Адабул-муфрад».

**Марҳилаи дуюм, гирифтан ва фишор додани гӯши кӯдак**

Агар кӯдак бо нишон додани тозиёнаву чӯбдаст ва тарсонидани ӯ бо ин гуна абзор таъдиб нашуд, ин бор бо гирифтани гӯши ӯ, ки як навъ муҷозоти баданӣ аст, таъдиб мегардад. Зеро кӯдак ба василаи ин гирифтану фишор додани гӯш ба дарду алами мухолифат ва муҷозоти кори шанеъу написанде, ки муртакиби он шудааст пай мебараду дармеёбад, ки дар баробари он мустаҳиққи гирифтану кашидани гӯш шудааст.

**Марҳилаи сеюм, танбеҳи кӯдак ва қоидаҳои он**

Табиист, вақте тарсонидани кӯдак ба василаи нишон додани тозиёнаву чӯбдаст, ҳамчунин бо гирифтани гӯшу фишор додани он муаддабу ислоҳ нагардид ва ҳамчунон пайваста ба носозгориву бадахлоқӣ, иноду нофармонии худ идома дод ва бар он исрору пофишорӣ варзид, иҷрои марҳилаи сеюм, ки задан мебошад, ба хотири пешгириву коҳиши ин иноду нофармонӣ лозим мебошад. Аммо бояд донист, оё задани кӯдак бидуни қоидаҳои риъояшаванда аз назари ҷисмӣ ҷараён ёбад ва волидайну мураббиён пойбанд ба анҷоми он ҳастанд? Ё ин ки қоидаҳои хоссе вуҷуд дорад, ки бояд риоя шаванд, то ин ки чунин танбеҳ муассир воқеъ шаваду кӯдак дар роҳи саҳеҳу дурусте қарор гирад ва даст аз иноду носозгорӣ бардорад? Пас, агар чунин қоидаҳое вуҷуд дошта бошанд, чигунаанд?

**Қоидаи аввал, амали танбеҳ аз даҳсолагӣ ба баъд оғоз мешавад**

Меъёри таъйини синни даҳсолагӣ барои танбеҳи кӯдак аз ин ҳадиси набавӣ истинбот шудааст, ки мефармоянд: «***Намоз хонданро ба фарзандонатон, ки ба синни ҳафтсолагӣ расиданд, дастур диҳед ва агар ба синни даҳсолагӣ расиданду намозро нахонданд*** *(дастури шуморо низ барои хондани он анҷом нададанд)*, ***эшонро танбеҳ кунед»***.[15]
Пас бо истинод ба ин ҳадиси набавӣ ибтидои танбеҳ кардани кӯдак дар синни даҳсолагӣ мебошад ва он ба ин хотир аст, ки тақсиру кӯтоҳӣ варзиданаш дар робита бо рукни асосии дин мебошад. Рукне, ки дар рӯзи қиёмат шахс баъд аз масъалаи ақида нахуст дар бораи он муҳосаба мешавад.

[15]. Ба ривояти Абудовуд бо санади хуб.

Ҳамон тавре ки мулоҳиза мешавад, Пайғамбари акрам (с) қабл аз синни даҳсолагӣ иҷозати задани кӯдакро ба хотири тақсиру кӯтоҳӣ варзиданаш дар мавриди намоз надодаанд, пас дар соири умури зиндагӣ ва масоили тарбивӣ, ки аз назари мақому манзалат назди Худованд аҳамияту ҷойгоҳи намозро надоранду бо он баробар нестанд, ба тариқи авло ҷоиз намебошад. Аз ин рӯ, лозим аст қабл аз расидани кӯдак ба синни даҳсолагӣ мароҳили гузашта дар ҳаққи ӯ бо камоли диққату ҳавсала иҷро шаванд ва дар ниҳояти сабру бурдборӣ бо ӯ рафтор шавад, чун дар таъйину муқаррар намудани ин син барои задани кӯдак ишораи ҷолибу қобили таваҷҷӯҳе вуҷуд дорад:

Исмоил ибни Саъид гуфтааст: "*Дар бораи синне, ки кӯдак дар он ба хотири намоз нахонданаш танбеҳ мешавад, аз имом Аҳмад пурсидам. Дар ҷавоб гуфт: Вақте кӯдак ба синни даҳсолагӣ расиду намоз нахонд, ҷоиз аст ӯро танбеҳ кард". Ва боз гуфт: "Ҳамоно Абуабдуллоҳ гуфтааст: "Кӯдаки ятим танбеҳи сабук шавад".*

Асрам гуфтааст: "*Аз Абуабдуллоҳ дар бораи кӯдаконро танбеҳ додани муъаллим пурсидам. Дар ҷавоб гуфт: "Эшонро ба андозаи хатоҳову гуноҳонашон танбеҳ кунад ва бикӯшад дар танбеҳ кардан аз Худо битарсад, агар кӯдак хурдсолу ноогоҳ бошад, набояд ӯро бизанад".*[16]

Бинобар ин, аз волидайну мураббиён хоста шудааст, ки дар беҳбуд бахшидан ба тасарруфоту мудохалоти кӯдак ва дар ислоҳи аъмолу рафтори ӯ аз рӯи тафаккуру тадаббур вориди амал шуда, ӯро таъдибу таҳзиб кунанд.

Нуктаи қобили зикр ин аст, ки вақте донистем, кӯдак дар марҳилаи рушду нумӯи ҷисмиву ақлӣ мебошад, набояд ӯро зиёд танбеҳ кард, зеро ин кор гоҳо ба яке аз аъзои бадани ӯ азияту озор мерасонад ва аҳёнан ҳам мунҷар ба азияти рӯҳиву фикрии ӯ мешавад. Ба ибораи дигар, метавон гуфт, танбеҳ намудани кӯдак ба хотири таъдибу таҳзиби ӯ ба монанди намаки таом мебошад. Бинобар ин, агар намаки таом беш аз ҳадди матлуб бошад, таом ғайри қобили истифода ва зараровар мегардад. Агар намаки он каму муносиб бошад, таом бисёр лазиз мешавад. Пас, амали танбеҳ низ чунин аст, агар беш аз ҳадди матлуб бошад, ба кӯдак зиёни ҷисмиву рӯҳӣ мерасонад, аммо агар каму муносиб ва аз рӯи тафаккуру тадаббур бошад, мусалламан муфиду натиҷабахш мебошад. Ин ҳамон танбеҳ намудани матлуб ва мавриди назар дар амали тарбиявӣ аст, зеро ҳадаф аз танбеҳ намудани

---

[16]. Нақл аз «Ал-Адабу-ш-шаръийя ва-л-манаҳул-маръийя, Муҳаммад ибни Мафлаҳи Мақдисии Ҳанбалӣ. – Ҷ. 1.. – С. 506.

кӯдак, ҳамчунонки баён гардид, як зарурати тарбивӣ аст, на интиқомҷӯиву холӣ кардани хашму кинаи волидайну мураббиён.

Аз ҷиҳати дигар, набояд фаромӯш кард, ки танбеҳи зиёд ва ба кор гирифтани он барои таъдибу таҳзиб, илова бар ин ки осори номатлубу натоиҷи манфии равониву фикриро дар тафаккури ӯ ба бор меоварад,ҳайбати шахси танбеҳкунандаро дар дили кӯдаки танбеҳгардида ба ҳадди ақал мерасонад.. Чунончи ҳадиси зер ба чунин матлабе ишора мекунад: ***«Намоз хонданро ба фарзандонатон, ки ба синни ҳафтсолагӣ расиданд, дастур диҳед ва агар ба синни*** *(даҳ то)* ***сездаҳсолагӣ, ки расиданду намозро нахонданд*** *(дастури шуморо низ барои хондани он анҷом надоданд)**,**эшонро танбеҳ кунед»*.**[17]

Аз мафҳуми ин ҳадис дармеёбем, ки ин муддати назадани кӯдак, ки аз ҳафтсолагӣ то сенздаҳсолагӣ идома дорад, дарвоқеъ аз ҷумлаи масоиле аст, ки зарурати қонеъ сохтану ором намудани кӯдакро ва ҳатто камтар ба кор бурдани амали задану танбеҳ намуданро мавриди таъкид қарор медиҳад.

**Қоидаи дуюм, ҳадди аксари задан даҳ зарба мебошад**

Бегумон, дар амали тарбиявӣ ниҳояти теъдоди зарбаҳо дар ҳар ҳоле аз аҳвол набояд аз даҳ зарба зиёд бошад. Ба далели ин сухани Пайғамбар (с), ки мефармоянд: ***«Бештар аз даҳ тозиёна зада намешавад, магар дар иҷрои ҳукме аз аҳкоми Худованд*** *(аз қабили зино, дуздӣ ва нӯшидани шароб)**»**.*[18]

Дар ривояти дигар омадааст: ***«Муҷозот*** *(ба сурати задан)* ***бештар аз даҳ тозиёна нест, магар дар бораи ҳукме аз аҳкоми Худованд*** *(аз қабили зино, дуздӣ ва шаробхӯрӣ...)**»**.*[19]

Бухорӣ гуфтааст: *"Мурод аз задан дар ин ҳадис таъзиру адаб аст"*.

Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар шарҳу тафсири он гуфтааст: *"Мурод аз адаб ҳамон маънои таъдиб кардан мебошад ва ба ҳамин хотир аст, ки ба дунболи таъзир омада, бар он атф шудааст. Чун таъзир ба сababи маъсияту нофармонӣ аст, аммо таъдиб фарогиртар мебошад, ки ҳам шомили таъдиби кӯдак мешавад ва ҳам шомили таъдиби муаллим"*.[20]

---

[17]. Ба ривояти Дорақутнӣ аз Анас (р). – Ҷ. 1.. – С. 231.
[18]. Ба ривояти Бухорӣ аз Абуҳурайра (р).
[19]. Нақл аз «Мусаннаф»-и Абдурраззоқ. – Ҷ. 7.. – С. 413.
[20]. «Фатҳу-л-борӣ». – Ҷ. 14.. – С. 151.

Бинобар ин, ҳадиси боло мушаххас намудааст, ки задани бештар аз даҳ зарба ҷоиз нест, магар ҳангоми субути ҳукме аз аҳкоми Худованд.[21]

Чун кӯдак ба синни булуғ ва ба ҳадди таклифи шаръӣ нарасидааст, аз ин рӯ дар баробари маъсияту нофармониҳояш таъзиру таъдиб мешавад, на иҷрои ҳукми Худо, *Валлоҳу аълам*".

Назари Қозӣ Шурайҳ бар ин аст: *"Задани кӯдак дар робита бо хатову иштибоҳи ӯ дар Қуръон се бор задан аст, ба далели ин ки Ҷибриил (а) назди ҳазрати Муҳаммад (с) омада Ӯро се бор фишурд"*.[22]

Дар ин ҷо лозим аст матолиберо дар робита бо тасарруфоти баъзе аз афроди кӯтоҳназар ва ноогоҳ арза бидорем, ки амали заданро дар кори таълиму тарбияи кӯдакон бидуни хурдтарин раҳму шафқат нисбат ба онон ба кор мегиранд. Пас, дар ин бора ба суханони устоди олиқадр Муҳаммад Хизр Ҳусайн, ки худ шоҳиди ин саҳнаи ваҳшатнок будааст, гӯш фаро медиҳем, ки мегӯяд:

*"Ба масҷиди ҷомеъи Азҳар барои адои намози аср рафтам ва дар пеши гурӯҳе, ки барои таълими Қуръон ҷамъ шуда буданд, ба адои намози таҳияи масҷид пардохтам. Қалбам лабрез аз таассуфу таассур шуд, барои яке аз муаллимон, ки як лаҳза чӯбдасти худро намеандохт ва аз задани кӯдакон кӯтоҳӣ намекард. Бо тозиёна ё чӯбдасти худ бо қудрати тамом ба паҳлӯву пушти онон беист мезад, то ҷое ки кӯдак дар асари дарду алами задане, ки қодир ба таҳаммули он набуд, мехесту фирор мекард, чанд қадаме бо суръат мепариду дур мешуд ва он муаллим низ бо сангдиливу бераҳмӣ чанд тозиёна ба ӯ мезад. Ба шахсе, ки дар паҳлӯи ман қарор дошт, гуфтам: "Ҳар кас дар боробари ин маъсияту бедодгарӣ бинишинаду сокит бимонад, ба худаш зулм кардааст". Аз ин рӯ, ба хотирам расид, ки мақолае дар робита бо одоби таълиму тарбияи кӯдакон дар шаҳри «Бензурт» мунташир намоям. Вақте ки машғули анҷом додани он будам, матолиби зерро дар он дарҷ намудам: "Лозим аст муаллим нисбат ба кӯдакони таҳти таълими худ нармиву мулоимат нишон диҳад, аз амали задан зиёд истифода накунад, агар аҳёнан ночор ба задан шуд, бештар аз се тозиёнаи сабук назанад ва аз ба кор гирифтани абзори задан, аз қабили чӯбдасте аз ҷинси чӯби хушки сахт ва тиккачӯби шикофшуда ҷиддан парҳез кунад". Вақте ки мақолаи худро дар робита бо ин гуна одобу раҳнамоиҳо мунташир намудам, яке аз муаллимон номаеро аз тариқи почта бароям фиристод ва дар он эътирози шадиду норизоятии худро роҷеъ ба нашри ин одобу*

---

[21]. Ҳадди шаробхӯрӣ, ки 80 тозиёна аст ва субути зинои ғайри мӯҳсин, ки ҳадди он 100 тозиёна аст.

[22]. «Ар-Равзу-л-аниф». – Ҷ. 1.. – С. 272.

*раҳнамоиҳо баён намуда, гуфта буд: "Ин мақола аз ҷумлаи матолибе аст, ки донишомӯзонро бедор месозад ва ононро нисбат ба мо, қишри муаллимон, густоху берӯ мекунад".*[23]

Мутаассифона, ноогоҳии иддае аз волидайну мураббиён нисбат ба кайфияти задану вижагиҳои абзори он ва маҳалли задану шеваи анҷом додани он боис шудааст, ки ин кори нописандро василае қарор диҳанд, на барои беҳбудӣ бахшидану ислоҳ намудани онон, балки барои интиқомҷӯӣ аз эшон, на барои таълиму тарбияи дуруст ва устувор сохтани сохтори фикриву ҷисмии онон. Аз ин рӯ, мо лозим донистем ин вижагиҳоро дар қоидаи баъдӣ бештар тавзеҳ диҳем.

**Қоидаи сеюм, ӯҳдадор шудан ба шинохтану шиносонидани вижагиҳои абзори задан, тариқаи задан ва маҳалли задан**

Шакке нест, ки ба василаи ӯҳдадор шудан ба шинохтану шиносонидани вижагиҳои абзори задан, тариқаи задан ва маҳалли задан метавон қоидаву зобитае сохт ба хотири дарки камхирадии баъзе аз волидайну мураббиён дар кори таъдибу тарбияи кӯдакон, ба тавре ки вақте онон ӯҳдадор ба шинохтани вижагиҳои ин се марҳила, яъне абзори задан, тариқаи задан ва маҳалли задан нагарданд, албатта онон дар муқобили ҳақиқат ва зиддият бо он қарор мегиранд, ба ин маъно, ки задани онон ба хотири интиқомҷӯӣ аст, на барои тарбияву таъдиб ва ба хотири холӣ намудани хашму кинаи худ аст, на барои ибрози раҳмату эҷоди оромиш нисбат ба кӯдакон. Ва мо низ ба муаррифӣ намудани ин вижагиҳои тарбия дар рафти шинохтану муаррифӣ намудани вижагиҳои иқомаи ҳукме аз аҳкоми Худованд пай хоҳем бурд ва дар натиҷа, мушаххас хоҳад шуд, ки амали таъдибу тарбия аз шинохтан ва шиносондани иқомаи ҳукми шаръӣ хеле хафифтару сабуктар мебошад.

Ба таври куллӣ метавон гуфт, маълум хоҳад шуд, ки бисёре аз волидайну мураббиён амали задани кӯдаконро аз иқомаи ҳукме аз аҳкоми Худованд ҳам бо хушунат ва сангдилии бештар анҷом медиҳанд. Аз ин рӯ, шиносонидану баён намудани ин се марҳила (абзори задан, тариқаи задан ва маҳалли задан) бар мо лозим мебошад, то бидонем, мо дар чӣ марҳилае аз таъдибу тарбияи исломӣқарор гирифтаем:

[23]. Нақл аз китоби Ар-Риҳалот».. – С. 51, таълифи устод Муҳаммад Хизр Ҳусайн бо таҳқиқи Алӣ Ризо Тунисӣ.

**Марҳилаи аввал, шинохтану шиносондани вижагиҳои абзори танбеҳ**

Абуаълои Мавдудӣ дар бораи «навъияти тозиёна дар ҳукми зино» мегӯяд: *“Нахустин ишорае роҷеъ ба чигунагии тозиёна задан, ки ҳикмати онро дарбар мегирад, вожаи* **«Фаҷлиду»** *аз насси сареҳи Қуръон аст, зеро “ҷалада” аз асоси ҷилд, яъне пӯсти зоҳирии бадани инсон гирифта шудааст. Аз ин ҷиҳат, фарҳангнависону уламои тафсир иттифоқи назар бар ин доранд, ки задан ба василаи тозиёна лозим аст, ки танҳо ба пӯсти бадан исобат кунад ва набояд ба гӯшт гузараду сироят намуда, асар бигузорад. Аз ин рӯ, ҳар навъ задане, ки мунҷар ба қатъи гӯшт, ё харошидану кандани пӯст шаваду гӯшти баданро маҷрӯҳ созад, мухолифи ҳукми Қуръон мебошад. Бинобар ин, воҷиб аст, ки тозиёна ё чӯбдаст барои задани на бисёр шадид ва на бисёр нарм бошад ва на зиёд ғализ, на зиёд рақиқ, балки лозим аст дар миёни он ду ба кор бурда шавад. Яъне амали задан на бисёр шадид ва на бисёр заъиф бошад, балки дар ҳадди эътидол миёни он ду анҷом гирад”.*[24]

Чунонки Зайд ибни Аслам (р) гуфтааст: *“Марде дар замони Пайғамбари акрам (с) дар ҳузури он ҳазрат (с) эътироф ба ин кард, ки муртакиби амали зино шудааст. Расули Худо (с) тозиёнае хостанд, то ҳукми шаръӣ бар ӯ иҷро шавад. Тозиёнаи шикаставу ноқисеро оварданд, Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Тозиёнае беҳтар аз ин биёред!».*** *Пас, ин бор тозиёнаи тозае оварданд, ки нӯги он қатъ нашуда буд. Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Тозиёнае биёред, ки на ба монанди аввалӣ шикаставу ноқис бошад ва на ба монанди дуюмӣ ҷадиду нӯгдор, балки тозиёнаи мутавассит ва дар ҳадди миёни он ду бошад».*** *Сипас, он ҳазрат (с) амр доданд, ки ба он тозиёнаи мутавассит он марди зинокор зада шавад.*[25]

Абуусмони Наҳдӣ аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят намуда, ки барои иҷрои ҳукми шаръӣ бар марди зинокоре тозиёнае хост. Тозиёнаи вазнину сахте барои ӯ оварданд, Умар ибни Хаттоб (р) гуфт: *“Тозиёнаи нармтару мулоимтар аз ин мехоҳам”*. Пас, барои ӯ тозиёнаи бисёр нарму мулоиме оварданд, гуфт: *“Тозиёнаи каме сахттар аз ин биёред”*. Саранҷом, тозиёнаи на бисёр сахту на зиёд нарм, балки дар ҳадди васати он ду оварданд. Баъд дастур дод он мард тозиёна зада шавад.[26]

---

24. Тафсири сураи Нур, таълифи Мавдудӣ.. – С. 73.
25. Ба ривояти Молик дар «Ал-Муваттаъ» аз Зайд ибни Аслам (р) ва ба ривояти Абдурраззоқ дар «Мусаннаф».. – С. 73.
26. Нақл аз «Аҳкомул-Қуръон, таълифи Ҷасос. – Ҷ. 3.. – С. 322.

Ҳамчунин ба кор бурдани тозиёнае, ки дар ибтидои он гиреҳ мезананд ва ба сурати ду ё се ришта дармеоваранд, дуруст нест.
Устоди олиқадр ва фақеҳи огоҳ Шамсиддини Инбобӣ вижагиҳои абзори таъдибу таҳзиби кӯдаконро хулоса намуда гуфтааст:
*1. Воҷиб аст тозиёна дорои ҳаҷми мӯътадил бошад, чигунагии он ҳадди васати миёни най ва чӯбдаст бошад.*
*2. Лозим аст на бисёр тар бошад, ба гунае ки ба хотири сангин буданаш пӯсти баданро пора созад ва на бисёр хушку сабук бошад, ки шахс эҳсоси дарду алам накунад.*
*3. Барои задан фақат як навъи хоссе таъйин нашудааст, балки ҷоиз аст амали задан ба василаи ҳамон тозиёнаи машҳуру маъмул, ё ба василаи чӯб, ё тахтапора ва ё ба василаи кафш, ё як порча матоъи ҷамъшудаву ба сурати мӯи бофта, ё таноб даромада, ба тавре, ки ба шахс дарду озор бирасонад, анҷом гирад.*[27]

**Марҳилаи дуюм, шинохтану шиносондани тариқаи задан**

Ҳамон тавре, ки абзори задан вижагиҳое дошт, худи амали задан низ вижагиҳое дорад, аз он ҷумла бояд ин амал ба тариқае анҷом гирад, ки дасти шахси зананда на бисёр баланд шавад ва на зиёд поён бошад, балки дар ҳадди миёнаи он ду қарор гирад. Чунонки Умар ибни Хаттоб (р) ҳангоми тозиёна задан ба шахси зананда мегуфт: "*(Бо тамоми қудрат) дасти худро баланд макун ва тарафро мазан*". Тамоми фуқаҳо иттифоқи назар бар он доранд, ки задани кӯдак ҳатман дардовар буданаш зарур нест.[28]
Устоди олиқадр ва фақеҳи гаронмоя Шамсиддини Инбобӣ тариқаи задани кӯдакро ба хотири таъдибу таҳзиби ӯ дар китоби худ «Рисолату риёзати-с-сибён» хулоса намуда, дар бораи шеваи задани кӯдак гуфтааст:
*1. Тамоми зарбаҳо фақат ба як ҷое аз бадани кӯдак зада нашавад, балки зарбаҳо парокандаву бар маҳалҳои мухталифи бадани ӯ ворид шаванд.*
*2. Бояд дар миёни ду зарба каме даранг кунад, то дарду алами зарбаи қаблӣ каме сабук шавад.*
*3. Шахси зананда танҳо то банди дасти худро баланд кунад, то ин ки тозиёна рӯ ба тарафи бозуяш интиқол ёбад, ба гунае ки сафедии зери бағалаш дида шавад*

---

[27]. Нақл аз «Ат-Тарбияту фи-л-Ислом».. – С. 135.
[28]. Тафсири сураи Нур, таълифи Абуаълои Мавдудӣ.

*ва бештар аз он дасти худро баланд накунад, то дарду алами задан зиёд нагардад.*[29]

Чунонки мулоҳиза мешавад, ин қоидаҳо ба хотири он аст, ки зарбаҳои шахс натиҷаи тарбиявиро дар таъдибу таҳзиби кӯдак дарбар дошта бошад, ба тарафи ислоҳ на фасод ва ба сӯи боло, на поён пешрафт кунад. Ҳамчунин, дар ҷиҳати камол на нуқсон ва ба ҷониби арзиши ахлоқив на ба тарафи пастиву хорӣ тараққӣ намояд...

## Марҳилаи сеюм, шинохтану шиносондани маҳалли задан

Дар задани кӯдак ба хотири таъдибу таҳзиби ӯ набояд фақат як маҳалли воҳиде аз бадан мавриди задан қарор гирад, балки лозим аст зарбаҳои мутафарриқу парокандаи сабук бар тамоми бадани ӯ ворид шавад, ба тавре ки ҳар узве аз аъзои бадан ин дарду аламро эҳсос кунад, ба ҷуз рӯй ва шармгоҳ ва сари ӯ бино ба гуфтаи ҳанафиҳо, чун ин се узв набояд зада шаванд. Чунонки аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят шудааст: "*Марди шаробхӯреро, ки маст ва ё дар ҳадди маст шудан буд, пеши ӯ оварданд. Дастур дод, то ӯро ба гунае бизананд, ки ҳар узве аз аъзояш мавриди задан қарор гирад, ба ҷуз рӯё ва шармгоҳаш.*[30]

Ҳамчунин, аз Пайғамбари акрам (с) ривоят шуда, ки фармудаанд: ***«Вақте яке аз шумо касеро бизанад, бояд аз задан ба рӯи ӯ бипарҳезад».***[31]

Ибни Саҳнун тарҷеҳ медиҳад: "*Маҳалли задан мо варои рӯй ва ду по мебошад, чунонки Қобусӣ дар рисолаи Саҳнун «Аҳволи мутааллимин ва аҳкоми муъаллимин ва мутаъаллимин» аз ӯ нақл намуда, ки гуфтааст: "Бояд аз задан ба сару рӯи кӯдак ҷиддан худдорӣ шавад, чун задан ба ин ду маҳал бисёр зиёновар мебошад, ба тавре ки мағзро заъифу нотавон месозад, ё чашмро маъюб мекунад ва ба таври куллӣ асари зишту номатлубе ба ҷо мегузорад. Аз ин рӯ, бояд аз задан ба ин ду узв (яъне сару рӯй) парҳез шавад, аммо задан ба ду по мутмаинтар аст ва аз назари саломатӣ бо таҳаммултар"*.[32]

Шамсуддини Инбобӣ мегӯяд: "*Бояд задан дар ғайри сару рӯ ва шармгоҳ анҷом гирад*".

---

[29]. Нақл аз «Аҳкомул-Қуръон, таълифи Ҷасос. – Ҷ. 2.. – С. 322 ва нақл аз «Аҳкомул-Қуръон, таълифи Ибни Арабӣ. – Ҷ. 2.. – С. 84.

[30]. Нақл аз «Аҳкомул-Қуръон, таълифи Ҷасос. – Ҷ. 3.. – С. 322.

[31]. Ба ривояти Абудовуд ва нақл аз «Аҳкомул-Қуръон, таълифи Ҷасос. – Ҷ. 3.. – С. 322.

[32]. Нақл аз «Ат-Тарбияту фил-Ислом».. – С. 270.

Бинобар ин, аз он чи зикр шуд, метавон чунин натиҷа гирифт, ки беҳтарину мутмаинтарин маҳал барои задан ҳамон ду дасту ду по мебошад.

**Қоидаи чорум, танбеҳ кардан набояд ҳамроҳ бо хашм бошад**

Пайғамбари акрам (с) мусалмононро дастур додаанд, ки ҳангоми танбеҳ намудан то метавонанд, аз хашму ғазаб бипарҳезанд ва аз он иҷтиноб кунанд. Чунонки омадааст, марде ба ҳузури Пайғамбар (с) расид ва арз кард: *"Эй Расули Худо! Маро ба чизе дастур диҳед!"* Он ҳазрат (с) фармуданд: ***«Ғазаб макун!».*** Он мард саволи худро чанд бор такрор кард. Он ҳазрат (с) ба ӯ дар ҳар дархосташ ҳамон ҷавоби ***«Ғазаб макун!»*** доданд.[33]

Аломати хашму ғазаб бар забон овардани суханони зишт, бадгӯӣ ва дашном додан ба кӯдак ё ба ҳар каси дигар мебошад. Ба ҳамин хотир аст, ки Қобусӣ дар рисолаи худ «Ат-Тарбияту фил-Ислом» бар дурӣҷустан аз хашму асабоният таъкид намуда ва гуфтааст: *"Вақте ки кӯдак зиёд дучори хато ва нофармонӣ мешавад, агар ба василаи задан ва тарки ӯ ислоҳ нашуд, дигар набояд илова бар иҷтиноб аз дашному бадгӯӣ аз роҳи дигаре ва ба василаи калимоти тавҳиномез ба хотири коре ӯро таҳқир кунаду ба боди носазо ва истеҳзо бигирад ва ба монанди касе, ки ҳаққи кӯдакони муслиминро намешиносаду мақому манзалати ононро дарк наменамояд, бархӯрд карда бигӯяд: "Эй масхшуда!" Ё бигӯяд: "Эй бузина!..."*

Бинобар ин, лозим аст аз ба забон овардани ин гуна калимоти зишту нописанд ва калимоти дигаре монанди онҳо ҷиддан парҳез шавад. Агар аҳёнан шахсе яке аз ин қабил калимотро нисбат ба кӯдак бар забон овард, лозим аст фавран «Астағфируллоҳ» гӯяд ва талаби омӯрзиш карда, бикӯшад бори дигар онро такрор нанамояд, зеро шакке нест, ки калимоти зишту нописанд ғолибан аз забони касе ҷорӣ мешаванд, ки қатъан хашму асабоният дар вуҷуди ӯ ҷойгир шудааст, дар сурате ки дилу замири инсони мусалмон ҷои хашму асабоният нест ва бояд аз ин гуна сифатҳои накӯҳида холиву дур бошад. Ба ҳамин хотир аст, ки Пайғамбари акрам (с) содир шудани ҳукмро аз тарафи қозии хашмгин

[33]. Ба ривояти Бухорӣ аз Абуҳурайра (р). Дар ривояти Имом Аҳмад ба ҷои ***Хашмгин машав» - «Аз ғазабпарҳез кун»*** омадааст.

ба таври таъкид манъ намуда мефармоянд: ***«Ҳаргиз набояд ҳоким дар ҳоли хашмгинӣ, миёни ду кас доварӣ кунад».***[34]

Дар ривоят омадааст, ки Умар ибни Абдулазиз (р) ҳукми задани шахсеро содир намуд. Ҳангоме, ки иқдом ба задани ӯ шуд, гуфт: «*Ӯро раҳо кунед!*» *Афроди* дар он ҷо ҳозир буда гуфтанд: «*Иллати инсирофи ту аз ин ҳукм чӣ буд?* Дар ҷавоб гуфт: «*Ҳангоми содир намудани дастур як навъ хашму асабониятро дар замири худ эҳсос кардам, аз ин рӯ дӯст надоштам, дар ҳоле ки хашмгинам, дастури задани ӯро бидиҳам*».

Абулҳасан гуфтааст: «*Муъаллими кӯдакон низ бояд комилан донишомӯзони худро зери наззорат дошта бошад. Дар амри таълиму тарбия ҳадафу манзуре ҷуз ризои Худо ва баҳраманд сохтани онҳо надошта бошад. Саъй намояд пайваста ихлоси амал дошта бошад, ҳар гоҳ хашмгин шуд, набояд хашму асабонияти худро ба василаи задани кӯдакони мусалмонон фурӯ нишонад ва хештанро осудахотир намояд, чун ин кор нишонаи адлу инсоф нест*».[35]

## Қоидаи панҷум, ҳар гоҳ кӯдак номи Худоро ба миён оварду аз Ӯ паноҳ хост, бояд аз задани вай даст бардошт

Бидон, вақте ки ту кӯдаки худро адаб меомӯзию ӯро мезанӣ, дар ҳоле ки эҳсоси дарду алам мекунад, агар ба Худо паноҳ бурда, аз Ӯ амон хост, дар чунин ҳолат бино ба фармудаи Пайғамбари акрам (с) бояд даст аз задан бардорӣ ва ӯро раҳо карда, ба ҳоли худ гузорӣ. Зеро дар ин истиғосаву амонхоҳии кӯдак нуктаи ҷолибу омӯзандае вуҷуд дорад ва он ин аст, ки дар чунон ҳолате кӯдак ба истиғосаву амонхоҳӣ аз Худо мепардозад, ҳатман ба марҳалаи бас кардану даст кашидан аз хатову нофармонии худ расида, ба зудӣ онро ислоҳ менамояд. Ё ин ки дарду алами ӯ ба ҳадде расидааст, ки дигар тавони таҳаммули онро надорад ва ё мумкин аст ба дараҷаи ҳалокат, ё тарсу бими шадиде расида бошад.

Шакке нест, дар чунин ҳолату вазъияте, ки кӯдак дар он қарор гирифтааст, идома додани амали задан як навъ ҷаримаву товон гирифтан аз ӯ ба ҳисоб меояд (на таъдибу таҳзиби вай) ва ин худ далел бар алоқа доштан ба интиқом гирифтану таскини хотир ёфтан аз ин кӯдаки бечора мебошад, кӯдаке, ки дар зери зулму ситам ва дар чанголи ин гуна падару модари золим афтодааст.

---

34. Ба ривояти ровиёни панҷгона.

35. Нақл аз «Ат-Тарбияту фил-Ислом».. – С. 270.

Дар ривояте омадааст, ки Расули Худо (с) фармудаанд: «***Ҳар вақт яке аз шумо агар хидматгори худро зад ва ӯ Худоро ёд намуда, аз ӯ амон хост, пас, аз задани ӯ даст бардореду бас кунед».*** [36]

Мумкин аст ин савол пеш ояд, ки агар кӯдак ба мафҳуми ин ҳадис пай бибарад ва бидонад, ки агар дар вақти задани ӯ исми Худоро ба забон оварда, аз ӯ амон бихоҳад, аз заданаш даст бармедоранд, ҳатман чунин кореро василаи фирор аз муҷозот қарор медиҳад ва аз нав муртакиби хатову нофармонӣ мегардад. Ё ин ки мумкин аст онро мувaққатан ба унвони ҳиллае ҷиҳати раҳоӣ аз задан ба кор гирад ва баъд ба ҳамон амали зишти худ баргардад? Дар ҷавоб мегӯем: «*Аввалан, тардиде дар ин нест, ки иқтидову пайравӣ аз ин ҳадиси Пайғамбари акрам (с) ба хотири дарбар гирифтани таъзиму эҳтиром ба Худои мутаъол дар дилу замири кӯдак таъсири босазое мегузорад. Сониян, ба таври қатъӣ ин амр мӯҷиб мешавад, то шахси зананда аз он ҳолати хашму асабонияти шадиде, ки нисбат ба кӯдак дорад, хориҷ шавад ва дар асари ин паноҳ бурдану амон хостани ӯ аз Худованд таскини хотир биёбад.*

Албатта ногуфта намонад, рӯи сухани мо бештар бо касоне аст, ки ба ҳақиқат мӯътақид ба Ислому аҳкоми исломӣ ва пойбанд ба суннату барномаи тарбиявии набавӣ мебошанд, на касоне, ки дар воқеъ дорои имони заъифу эътиқоди сустанд. Зеро инон афроде ҳастанд, ки ҳар вақт ин гуна истиғосаҳову паноҳҷӯиҳоро мешунаванд, ҳамоқати онон фузунӣ меёбад ва кӯдакро муҷозоти бештар мекунанд, мавриди зарбу лат қарор медиҳанд ва инон касоне ҳастанд, ки ба ростӣ ниёзманданд ба ин ки ҳар лаҳза гуноҳону тақсироти хешро ба ёд биоваранду аз Худои қодири маннон ба истиғоса бипардозанд ва хозеъона дар остони Ҳақ таоло илтимоси омӯрзишу талаби резиши ҳилму раҳмат бинамоянд…

[36]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Абусаъиди Худрӣ (р).

## Фасли чордаҳум: Дар робита бо се хотима
## Хотимаи аввал,
## дар баёни чил ҳадиси хитоб ба падару модарон

Дар рафти бобҳову фаслҳои ин китоб ҳадисҳои зиёде ба муносибатҳои гуногун аз Пайғамбари акрам (с), чун хитоб ба падарону модарон баён гардиданд, ки ҳамаи онҳо далолат бар ҳирсу алоқаи Пайғамбари акрам (с) ба он мекнанд, ки падарону модарон нахуст ахлоқу рафтору кирдори хешро ислоҳ намоянд, сипас, ин омодагиву шоистагиро пайдо кунанд, ки барои фарзандону афроди таҳти тарбияи худ мураббии огоҳу парваришкунандаи хубе бошанд, ба гунае ки ононро ба баландтарин қуллаи таъдибиву тарбиявӣ ва ба беҳтарин марҳалаи рушду парвариши ақливу равонӣ бирасонанд, тарбияву парварише, ки мутобиқ бо Қуръону суннати Пайғамбар (с) ва мувофиқ бо сирати салафи солеҳ бошад.

Инак чил ҳадис аз ин гуна ҳадисҳову ривоятҳоро ҷамъоварӣ намуда, дар ин хотима аз нав баён мекунем, то пайваста ба унвони ислоҳу барномаи тарбиявии ҷисмиву ахлоқӣ мавриди истифода қарор гиранд:

1. Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “*Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуданд:* ***«Ҳамаи шумо сарпараст ҳастед ва нисбат ба зердастони худ масъул мебошед, ба ин маъно, ки пешво, сарпарасти уммат ва масъули афроди зерфармони худ мебошад. Ва мард сарпарасти хонаву хонаводаи худ мебошад ва дар баробари онон масъул аст. Зан дар хонаи шавҳараш сарпараст ва нисбат ба хонаву афроди хона*** *(фарзандон)* ***масъул аст. Хидматгор сарпарасти молҳои мавло ва корфармои худ мебошад ва дар баробари он масъул аст. Ба таври куллӣҳамаи шумо, чӣ дар баробари худ ва чӣ дар баробари дигарон масъул мебошед».***[37]

2. Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуданд: ***«Ҳар навзоде бар фитрати пок ба дунё меояд*** *(дур аз куфр ва илҳод ва ҳар гуноҳи дигаре мебошад, яъне гуноҳ ҷузъи сиришти инсон нест, балки амре аст, ки дар асари тарбияи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд).* ***Ва ин падару модаранд, ки фарзандонро ба сурати яҳудӣ, ё насронӣ, ё маҷусӣ дармеоваранд, ҳамон гуна ки бачаи ҳайвонот ҳеҷ як бо гӯши бурида, ё***

[37]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим аз Ибни Умар (р).

***доғшуда ба дунё намеоянд*** *(балки баъд аз таваллуд сохибони онҳо ба хотири шинохтан гӯшҳои онҳоро мебуранд, ё доғ менамоянд).*[38]

Абуҳурайра (р) мегуфт: «*Агар хостед, ин оятро бихонед:* **«Бар сиришту фитрати пок Худованд, ки инсонро бар он офаридааст,** (боқӣ бимонед)**, дини Худо ҳаргиз тағйир намеёбад ва собит аст,** (ки ҳамон дини Ислом аст, дини рост ва бидуни инҳироф)**».**[39]

3. Аз Абумусо (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармудаанд: ***«Вақте ки фарзанди яке аз бандагони Худо бимирад, Худованд ба фариштагон мефармояд: «Ҷони фарзанди бандаамро гирифтед?» Онон мегӯянд: «Оре». Худованд мефармояд: «Ҷони ҷигаргӯшаю меваи зиндагии ӯро гирифтед?» Онон мегӯянд: «Оре». Худованд мефармояд: «Бандаам дар муқобили он чӣ гуфт?» Мегӯянд: «Бандаат ҳамду сипоси Туро ба ҷой овард ва гуфт:*** **«Мо ҳама аз они Худоем ва бозгаштамон ба сӯи Ӯст».** ***Сипас, Худованд мефармояд: «Хонае дар биҳишт барои бандаам бино кунед ва онро хонаи ҳамд биномед».***[40]

4. Аз Миқдом ибни Маъдикарб (р) ривоят шуда, ки гуфтааст:Пайғамбари акрам (с) фармуданд: ***«Таоме, ки ба худат, ба фарзандат, ба ҳамсарат ва ба хидматгорат медиҳӣ ва ба онон мехӯронӣ ба унвони садақа барои ту маҳсуб мешавад».***[41]

5. Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “Ба *Расули Худо (с) арз кардам: “Чӣ гуноҳе назди Худованд бузургтар аст?” Фармуданд:* ***«Ин ки назиру монанде барои Худое, ки туро офаридааст, қарор диҳӣ».*** *Гуфтам: “Пас аз он чӣ гуноҳе бузургтар аст?” Фармуданд:* ***«Он аст, ки фарзанди худро бикушӣ, ба хотири тарс аз ин ки бо ту таом мехӯрад».*** *Гуфтам:” Баъд аз он чӣ гуноҳе?” Фармуданд:* ***«Он аст, ки бо зани ҳамсояи худ муртакиби зино шавӣ».***[42]

6. Аз Абуҳотами Музнӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармудаанд: ***«Вақте касе, ки аз дину ахлоқ****(ва рафтору кирдораш)* ***розӣ ҳастед, барои хостгорӣ назди шумо омад, бо ӯ издивоҷ кунед. Агар ин корро накунед, мӯҷиби фитнаву фасоди*** *(бузурге)* ***дар рӯи замин мегардад».*** *Арз карданд: “Эй Расули Худо (с)! Агарчи он шахс дар фақру тангдастӣ бошад?” Он ҳазрат (с) дар ҷавоб се бор пай дар пай фармуданд:*

---

38. Ба ривояти Бухорӣ аз Абуҳурайра (р).
39. Сураи Рум, 30: 30.
40. Ба ривояти Тирмизӣ аз Абумусо (р).
41. Ба ривояти Аҳмад бо санади хуб аз Миқдом ибни Маъдикараб (р).
42. Саҳеҳайн аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р).

***«Вақте касе, ки аз дину ахлоқашрозӣҳастед, барои хостгорӣ назди шумо омад, бо ӯ издивоҷ кунед».***[43]

7. Аз Ҳафса (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд: ***«Ҳеҷ як аз шумо хоҳони фарзанддор шуданро тарк накунад, зеро вақте мард бимирад ва аз худ фарзанде ба ҷой нагузорад, номи ӯ****(дар рӯи замин барои ҳамеша)****қатъ ва нобуд мешавад».***[44]

8. Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) ба ӯ гуфтанд: ***«Эй Оиша! Нармишу мадороро пеш гир, зеро Худованд вақте хайри хонаводаеро бихоҳад, эшонро бар нармиву меҳрубонӣ варзидан раҳнамоӣ мекунад».***

Ва дар ривояти дигар омадааст: ***«Вақте Худованд хайру баракати хонаводаеро бихоҳад, нармиву меҳрубониро бар онон ворид мекунад».***[45]

9. Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд: ***«Ҳар дарахт мевае дорад ва меваи қалб низ фарзанд аст. Бегумон Худованд раҳм намекунад ба касе, ки ба фарзанди худ раҳм намекунад. Қасам ба касе, ки вуҷудам дар дасту қудрати ӯст, касе дохили биҳишт мешавад, ки бисёр меҳрубону бораҳм бошад».*** Арз кардем: *«Эй Расули Худо! Ҳамаи мо раҳм мекунем».* Он ҳазрат фармуданд: ***«Раҳм кардан он нест, ки яке аз шумо ба рафиқаш раҳм кунад, балки раҳм кардан он аст, ки ба ҳамаи мардум раҳм кунад».***[46]

10. Мегӯянд, *марде назди Расули Худо (с) омада, гуфт: «Ман намози субҳро таъхир мекунам ва онро бо ҷамоат намехонам, ба хотири ин, ки фалонӣ вақте барои мо имоматӣ мекунад, зиёд ба намоз тӯл медиҳад». (Абумасъуд мегӯяд): «Ман ҳеҷ вақт Расули Худо (с)-ро дар вақти мавъиза аз он рӯз асабонитар надида будам, пас рӯ ба мо карда, фармуданд:*

***«Эй мардум, иддае аз шумо*** *(аз хондани намози бо ҷамоат ба хотири тӯл додан ба он)* ***мутанаффир шудаанд, аз шумо ҳар кӣ барои мардум имоматӣ мекунад, бояд онро сабуку мухтасар бихонад*** *(ва ба он зиёд тӯл надиҳад),* ***зеро дар миёни афроде, ки пушти сари ӯ ҳастанд, ашхоси пиру ҷавон*** *(ва заъифу нотавон)* ***ва ҳамчунин афроди ниёзманд ба қазои ҳоҷат вуҷуд доранд».***[47]

---

[43]. Ба ривояти Тирмизӣ. (Муаллифи мӯҳтарам ёдовар мешавад ба ҷои ин ҳадиси шумораи 6 ҳадиси дигаре ва бо ибораву мафҳуми дигаре нақл намуда буд, аммо ба ҷои он ҳадиси боло муносибтар ба назар расид). *Валлоҳу аълам.*

[44]. Ба ривояти Табаронӣ аз Ҳафса (р).

[45]. Ба ривояти Имом Аҳмад аз Оиша (р).

[46]. Ба ривояти Баззор аз Ибни Умар (р).

[47]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим аз Абумасъуд Уқба ибни Умари Бадрӣ (р).

11. Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Расули Худо (с) фармуданд:* ***«Вақте инсоне аз олам даргузарад, амали ӯ дар рӯи замин қатъ мешавад, ба ҷуз аз се амал: Аввал садақаи ҷория, дуюм амале, ки мавриди истифодаи машрӯъ қарор гирад, сеюм фарзанди солеҳ ва некӯкоре, ки барои ӯ дуои хайр кунад».***[48]

12. Дар ривояте омадааст: «*Марде ҳамроҳи писараш ба ҳузури Расули Худо (с) меомад. Рӯзе он ҳазрат (с) ба ӯ хитоб карда фармуданд:* ***«Оё писаратро дӯст медорӣ?».*** *Дар ҷавоб гуфт: «Оре, эй Расули Худо (с), он тавре, ки ман ӯро дӯст медорам, Худованд низ туро дӯст бидорад. Пайғамбар акрам (с) муддате ӯро надиданд, фармуданд:* ***«Писари фалониро чӣ шудааст, ки ӯро намебинам?».*** *Ҳозирини дар он ҷо арз карданд: «Эй Расули Худо (с)! Ӯ фавтид! Он ҳазрат (с) ба падараш фармуданд:* ***«Оё дӯст надорӣ, ки писарат ба дами даре аз дарҳои биҳишт биёяд ва ту ӯро биёбӣ, ки дар он ҷо интизоратро мекашад?».*** *Марди дигаре арз кард: «Эй Расули Худо (с)! Оё ин вазъу ҳолат фақат хосси ин шахсу писараш мебошад, ё барои мо низ муяссар мешавад? Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Балки ин вазъ барои ҳамаи шумо аст».***[49]

13. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Расули Худо (с) фармуданд:* ***«Худованд ҳар неъматеро аз қабили хонавода, сарват ва ё фарзанд ба яке аз бандагони худ ато фармояд ва*** *(дар баробари он неъмат)* ***бигӯяд: «Мошоаллоҳу, ло қуввата илло биллоҳ» офате ғайр аз маргро дар он намебинад,*** *(чун хоҳ-нохоҳ ҳар инсоне мемирад ва маззаи маргро мечашад)***».**[50]

14. Дар ривоят омадааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: ***«Касе, ки фарзанде барои ӯ ба дунё биёяд ва дар гӯши росташ азону дар гӯши чапаш иқома бигӯяд, аз зарар расонидани «Уммус-сибён»***[51] ***маҳфуз мемонад».***[52]

15. Аз Абумусо (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Барои ман писаре таваллуд шуд ва ӯро назди Пайғамбар (с) бурдам. Пайғамбар (с) ӯро гирифтанд ва Иброҳим номида, шираи хурмои нармшудаеро ба даҳонаш молиданд». Ва Бухорӣ афзудааст: «Барояш дуои хайру баракати умр карда, сипас ба ман баргардониданд ва ин писари бузургам буд».* [53]

16. Аз Самура (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Расули Худо (с) фармуданд:* ***«Ҳар писари навзоде дар гарави ақиқае мебошад, ки дар рӯзи ҳафтуми***

---

[48]. Ба ривояти Муслим аз Абуҳурайра (р).
[49]. Ба ривояти имом Аҳмад ва Насоӣ аз Муъовия ибни Қурраҳ (р) аз падараш (р).
[50]. Ба ривояти Ҳофиз Абуяълои Мавсилӣ дар «Муснад» аз Анас (р).
[51]. Машҳур аст, ки Уммус-сибён» ҷинне аст, ки ба навзод осеб мерасонад.
[52]. Ба ривояти Байҳақӣ дар «Аш-Шаъб» аз ҳадиси Ҳасан ибни Алӣ (р).
[53]. Ривоят дар «Саҳеҳайн».

***таваллуди ӯ забҳ мегардад ва дар он рӯз номгузорӣ мешавад ва мӯи сараш тарошида мегардад».***[54]

17. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд: ***«Нахустин калимаеро, ки ба кӯдакони худ меомӯзед, калимаи «Ло илоҳа иллаллоҳ» бошад ва ҳангоми марг низ «Ло илоҳа иллаллоҳ»-ро ба онон талқин кунед».***[55]

18. Аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд: ***«Фарзандони худро бар асоси се хислат тарбия кунед: бар устувор кардани муҳаббати пайғамбаратон, муҳаббати оли байташ ва бар тиловати Қуръон, зеро бардорандагони Қуръон*** *(дар рӯзи Қиёмат)* ***дар зери сояи Арши Худованд мебошанд, рӯзе ки ҳеҷ сояе ҷуз сояи Арши Худо нест ва ҳамроҳи пайғамбарону баргузидагони ӯ хоҳанд буд».***[56]

19. Аз Ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: *"Расули Худо (с) фармуданд:* ***«Ба фарзандони худ дар синни ҳафтсолагиашон дастури намоз хондан диҳед ва дар синни даҳсолагӣ*** *(агар дастуроти шуморо иҷро накарданд ва намоз нахонданд)* ***ононро танбеҳ кунед,*** *(ҳамчунин ба хотири пешгирӣ аз фасоди ахлоқӣ)* ***бистари хоби ононро ҷудо намоед».***[57]

20. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд: ***«Дар рӯзи ҳафтум барои навзод ақиқа анҷом мегирад ва номгузорӣ мешавад, ки ба ин васила озору бадиҳо аз ӯ дур гардонида мешавад. Вақте ба синни шашсолагӣ расид, адаб бояд омӯзонд. Замоне, ки ба синни нуҳсолагӣ расид, бояд бистари хобаш ҷудо карда шавад ва баъд аз ин ки ба синни шонздаҳсолагӣ расид, падараш ӯро хонадор мекунад. Сипас, дасташро мегираду мегӯяд: "Туро муаддабу огоҳкардам, хонадор намудам, паноҳ мебарам ба Худо аз фитнаву фасоди ту дар дунё ва аз азоби ту дар охират».***[58]

21. Аз Рубайъа духтари Муаввиз ривоят шуда, ки гуфтааст: *"Расули Худо (с) субҳи рӯзи Ошӯро як нафарро ба рустоҳои ансор, ки дар атрофи шаҳри Мадина буданд, фиристода, гуфтанд:* ***«Касе, ки бо нияти рӯза субҳ кардааст, бояд рӯзаашро то поёни рӯз комил намояд ва ҳар кас бидуни ният субҳ кардааст, бояд бақияи рӯзро*** *(ба хотири эҳтироми рӯза)* ***бо худдорӣ аз хӯрдану нӯшидан ба поён бирасонад».*** Рубайъа мегӯяд: *"Аз он ба баъд, мо рӯза мегирифтем ва ба кӯдакони худ амр*

---

[54]. Ба ривояти асҳоби Сунан аз Самура.
[55]. Ба ривояти Ҳоким аз Ибни Аббос (р).
[56]. Ба ривояти Табаронӣ ва Ибни Наҷҷор аз Алӣ ибни Абутолиб (р).
[57]. Ба ривояти Ҳоким ва Абудовуд аз Ибни Амр ибни Ос (р).
[58]. Ба ривояти Ибни Ҳиббон аз Анас (р).

*мекардем, ки рӯза бигиранд, ононро ба масҷид мебурдем, барои эшон асбоби бозӣ дуруст мекардем. Ҳар гоҳ яке аз онон гиря мекарду хӯрданӣ мехост, он асбоби бозиро ба ӯ медодем, то ин ки ба он саргарм шавад ва рӯзаро то ҳангоми ифтор ба итмом бирасонад".*[59]

22. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) дар (маҳалле ба номи) «Равҳо» ба корвоне бархӯрд кард ва фармуданд: ***«Аз чӣ қавм ва тоифаед?».*** *Ва* онҳо низ ба Паёмбари акрам (с), ки Ӯро намешинохтанд, хитоб карда, пурсиданд: «Ту кистӣ?». Фармуданд: ***«Ман Расули Худоям».*** Дар миёни он қавм зане писарбаччаи худро бардошта, гуфт: *"Оё ин кӯдак савоби ҳаҷро меёбад?" Он ҳазрат* (с) фармуданд: ***«Оре, савоб дорад ва ту ҳам, ки заҳмати вайро мекашӣ, подош дорӣ».***[60]

23. Дар ривоят омадааст: «Зане ҳамроҳи духтараш ба назди Паёмбари акрам (с) омаданд ва дар дасти духтараш ду дастбанди тиллоии калон буд. Он ҳазрат (с) ба ӯ гуфтанд: ***«Оё закоти ин дастбандро медиҳӣ?».*** Гуфт: «*Не*». *Он ҳазрат* (с) фармуданд: ***«Оё хушҳолӣ, ки дар рӯзи қиёмат Худованд ба ҷои онҳо ду дастбанд аз оташ дар дасти ту кунад?».*** Пас он духтар фавран дастбандро аз дасташ берун оварду ҳардуро ба Паёмбари акрам (с) дод ва гуфт: «*Ин ду дастбанд дар роҳи Худо ва Расули Худо (с) инфоқ шаванд».*[61]

24. Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: «*Паёмбари акрам (с) барои адои закоти фитр як соъ аз хурмо, ё ҷав ( ё гандум) бар ҳар ғулом, ё озод ва бар ҳар фарди бузург, ё хурд фарз кардааст».*[62]

25. Аз Собит (р) ривоят шуда, ки гуфт: "Паёмбари акрам *(с) ба дидани ансор мерафтанд, бар кӯдаконашон салом мекарданд ва сари онҳоро сила мекарданд ва барои онон дуои хайр менамуданд".*[63]

26. Аз Ҷобир ибни Самура (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Паёмбари акрам (с) фармуданд:* ***«Агар мард фарзандашро хуб тарбия кунад, беҳтар аз он аст, ки миқдори як соъ садақа диҳад».***[64]

27. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Паёмбари акрам (с) фармуданд: ***«Фарзандонатонро икром кунед ва ононро адаби нек омӯзед».***[65]

28. Аз Убода ибни Сомит (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд: «***Аз уммати ман нест касе, ки бузургони моро арҷ***

---

[59]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим аз Рубайъа бинти Муаввиз (р).
[60]. Ба ривояти Муслим, Молик, Абудовуд ва Насоӣ аз Ибни Аббос (р).
[61]. Ба ривояти Абудовуд аз Амр ибни Шуайб аз падараш ва аз бобояш (р).
[62]. Ба ривояти Бухорӣ, Муслим, Молик, Насоӣ ва Абудовуд аз Абдуллоҳ ибни Умар (р).
[63]. Ба ривояти Насоӣ аз тариқи Ҷаъфар ибни Сулаймон аз Собит (р).
[64]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Ҷобир ибни Самура (р).
[65]. Ба ривояти Ибни Моҷа аз Ибни Аббос (р).

***наниҳад, ба кӯдакони мо раҳм накунад ва ҳаққу ҳурмати олимонро нашиносад».***[66]

29. Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуданд: ***«Касе ба кӯдаке бигӯяд: "биё инро ба ту бидиҳам, аммо ба ӯ надиҳад*** *(ин кор ба унвони)*,***дурӯғе барои ӯ навишта мешавад».***[67]

30. Аз Абусуфён ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Назди Муъовия (р) рафтам, бар пушти худ хобида буду рӯи синааш писарбачча ва ё духтарбаччае буд, ки бо ӯ бозӣ мекард ва суханони ширине мегуфт. Ман ба ӯ гуфтам: «Ин кӯдакро канор бигзор». Дар ҷавоб гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, мефармуданд:* ***«Касе, ки кӯдаке дошта бошад, бояд худро дар баробари ӯ ба сурати кӯдак дароварад*** *(ва бо ӯ бозии кӯдакона кунад)****».***[68]

31. Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "Паёмбари акрам *(с) Ҳасан ибни Алӣ (р)-ро бӯсиданд.* Ақраъ ибни Ҳобис гуфт: "*Даҳ фарзанд дорам, ҳеҷ як аз онпро набӯсидаам". Он ҳазрат* (с) фармуданд: ***«Касе, ки ба бандагони Худо раҳм намекунад, Худованд низ ба ӯ раҳм нахоҳад кард».***[69]

32. Аз Маҳл ибни Саъд (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «Паёмбари акрам *(с) фармуданд:* ***«Ман ва касе, ки сарпарастии ятим ва амри тарбияи ӯро*** *(то замоне, ки ба синни булуғ мерасад ва аз ӯ бениёз мегардад)* ***ӯҳдадор мешавад, дар биҳишт ин гуна мебошем*** *(ва ишора ба ду ангушти сабоба ва вусто карданд)****».***[70]

33. Аз Умар ибни Шуайб (р) аз падараш ва ӯ низ аз бобояш ривоят намуда, ки Паёмбари Худо (с) хутбае ба мардум фармуданд: ***«Бидонед, касе, ки валӣ ва сарпарасти ятиме, ки дорои молу сарвате мебошад, шудааст, бояд дар он тиҷорат кунад, то афзоиш ёбад ва онро ба ҳоли худ нагузорад, ки додани садақа ва закот онро аз байн бибарад».***[71]

34. Аз Авф ибни Молики Ашҷаъӣ (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Пайғамбари акрам (с) фармуданд:*«***Ман ва зане, ки рухсораҳояш*** *(дар асари мурдани шавҳараш)* ***тағйири ранг карда*** *(ва кӯдакони ятимашро тарбияву парвариш менамояд ва шавҳар намекунад),* ***бо ҳам дар биҳишт***

[66]. Ба ривояти Имом Аҳмад ва Табаронӣ аз Убода ибни Сомит (р).
[67]. Ба ривояти Имом Аҳмад аз Абуҳурайра (р).
[68]. Ба ривояти Дайламӣ ва Ибни Асокир аз Абусуфён (р).
[69]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим аз Абуҳурайра (р).
[70]. Ба ривояти Бухорӣ аз Маҳл ибни Саъд (р).
[71]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Амр ибни Шуайб (р) аз падараш ва аз бобояш.

***ба монанди ин ду мебошем** (ишора ба ду ангушти сабоба ва вусто карданд)».*[72]

35. Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Расули Худо (с) фармуданд:* ***«Касе, ки се духтар ва ё се хоҳар дошта бошад, ё ин ки ду духтар ва ё ду хоҳар дошта бошад ва бо онон ба хубӣ рафтору ҳамзистӣ намояд ва дар мавриди онҳо аз Худо битарсад, дохили биҳишт хоҳад шуд».***[73]

36. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд: ***«Касе, ки духтар дошта бошад ва ӯро озор надиҳад*** *(ба монанди давраи ҷоҳилият зинда ба гӯр накунад)*, ***ӯро таҳқиру хор насозад ва писарашро бар ӯ тарҷеҳ надиҳад, Худованд ӯро дохили биҳишт хоҳад кард».***[74]

37. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд: ***«Қасам ба зоте, ки вуҷудам дар яди ӯст, ҳеҷ як аз шумо имони комил надорад, магар ин ки ман*** *(ва аҳкоми дини ман)* ***назди ӯ аз падараш, фарзандаш ва аз ҳамаи мардум маҳбубтар бошад».***[75]

38. Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Пайғамбар (с) фармуданд: ***«Ифофу покдомании занони мардумро ҳифз намоед, то занони шумо низ афифу покдоман бошанд. Дар ҳаққи падару модари худ некӣ кунед, то фарзандонатон дар ҳаққи шумо некӣ кунанд. Агар яке аз шумо бародари динияш ба унвони пӯзишу гузашт назди ӯ ояд, бояд онро бипазирад, хоҳ муҳиқ бошад ва ё мубтил, агар чунин накунад,*** *(дар фардои қиёмат)* ***бар ҳавзи Кавсар ворид нахоҳад шуд».***[76]

39. Аз Воила ибни Асқаъ ривоят шуда, ва дар «Ал-Ҷомеъул-кабир» низ омадааст: “Паёмбари акрам (с) ба назди Усмон ибни Мазъун рафта, диданд, ки писарбаччаи хурдашро мебӯсад. Он ҳазрат (с) аз ӯ пурсиданд: **«Оё ин писари ту аст?».** Гуфт: *“Оре”. Он ҳазрат* (с) фармуданд: **«Эй Усмон! Оё ӯро дӯст медорӣ?».** Гуфт: *“Оре, эй Расули Худо, ман ӯро дӯст медорам”.*Он ҳазрат (с) фармуданд: ***«Оё мехоҳӣ муҳаббати туро нисбат ба ӯ зиёд кунам?».*** Гуфт: *“Оре, падару модарам фидоятон, бифармоед”. Он ҳазрат* (с) фармуданд: ***«Касе, ки кӯдаки хурдсоле аз насли худро хушнуд созад, то розӣ шавад, Худованд ӯро дар рӯзи қиёмат розӣ ва хушнуд мегардонад, то розӣ шавад».***[77]

---

72. Ба ривояти Абудовуд ва Абуяъло аз Авф ибни Молик (р).
73. Ба ривояти Абудовуд ва Тирмизӣ аз Абусаъиди Худрӣ (р).
74. Ба ривояти Абудовуд аз Ибни Аббос (р).
75. Ба ривояти Бухорӣ, Муслим ва Насоӣ аз Анас (р).
76. Ба ривояти Ҳоким аз Абухрайра (р).
77. «Албаёну ва-т-таъриф фӣ асбоби вуруди-л-ҳадиси-ш-шариф, Ибни Ҳамза. – Ҷ. 2.. – С. 135.

40 – Аз Муъоз (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “Расули Худо *(с) даҳ матлабро ба ман тавсия намуда, фармуданд:*

***«1. Ҳеҷ чизеро бо Худованд шарик қарор мадеҳ, ҳатто агар кушта ва ё дар оташ андохта шавӣ.***

***2. Аз падару модарат нофармонӣ макун, агарчи ба ту фармон диҳанд, ки аз аҳлу моли хеш бигзарӣ ва канора гирӣ.***

***3. Намозҳои воҷиброқасдан тарк макун, зеро касе, ки намози воҷиберо қасдан тарк кунад, аҳди илоҳӣ аз ӯ бардошта мешавад.***

***4. Шаробхорӣ макун, чунки он сарчашмаи ҳар навъ бадӣ ва зиштӣ аст.***

***5. Аз гуноҳ кардан бипарҳез, зеро хашми Худованд дар асари иртикоб ба иртикоби гуноҳ нозил мегардад.***

***6. Аз фирор кардан ҳангоми ҷангу ҷиҳод барҳазар бош, агарчи мардумон ҳалок шаванд.***

***7. Ва агар ба мардум марге расад, дар ҳоле ки ту дар миёни онон ҳастӣ, ту пойдору устувор бош.***

***8. Бар хонаводаат ба андозаи тавони худ харҷ кун.***

***9. Дар тарбияву таъдиби онон кӯтоҳӣ макун.***

***10. Онҳоро ба хотири ризои Худо ва дар роҳи Худо битарсон** (ва худ низ дар мавриди онон аз Худованд битарс)**».**[78]*

## Хотимаи дуюм

## Дар баёни чил ҳадис дар робита бо кӯдакон

Дар рафти фаслҳову бобҳои ин китоб ҳадисҳову ривоятҳое дар робита бо кӯдакон ба муносибатҳои гуногун баён гардида буданд. Инак, онҳоро дар қолаби чил ҳадис ҷамъоварӣ кардем, то кӯдакону навҷавонони мусалмон онҳоро ба хубӣ ёд бигиранду ҳифз кунанд ва чароғи роҳи ҳидояту сулуки саҳеҳи худ созанд ва аз барномаи Пайғамбар (с) ва роҳу равиши таълиму тарбияи набавӣ пайравӣ кунанд ва онро сармашқи зиндагии худ қарор диҳанд. Ҳамчуни падару модарон ва мураббиён низ, бо хости Худованд, битавонанд барои раҳнамоӣ ва тафҳими фарзандони худ аз онҳо кӯмак бигиранд. Инак ҳадисҳову ривоятҳо:

1. Аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “*Паёмбари акрам (с) фармуданд:**«Фарзандони худро бар асоси се хислат тарбия***

---

[78]. Ба ривояти имом Аҳмад, Ибни Моҷа ва Бухорӣ дар «Адабу-л-муфрад» аз Муъоз (р).

***кунед: бар истувор сохтани муҳаббати Паёмбаратон, муҳаббати оли байташ ва бар тиловати Қуръон, зеро бардорандагони Қуръон*** *(дар рӯзи қиёмат)* ***дар зери сояи Арши Худовандaнд, рӯзе ки ҳеҷ сояе ҷуз сояи Арши Худо нест ва ҳамроҳи паёмбарону баргузидагони Ӯ хоҳанд буд».***[79]

2. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки марде аз Расули Худо (с) пурсид: «*Қиёмат кай фаро мерасад?*» Расули Худо (с) фармуданд: ***«Чӣ чизе барои он омода кадаӣ?».*** *Гуфт: «Барои он аз намозу рӯза ва закот чизи зиёде наандӯхтаам, аммо Худо ва Расулашро дӯст медорам». Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Ту*** *(дар он рӯз)* ***ҳамроҳи касе мебошӣ, ки дӯсташ доштаӣ».***[80]

3. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Вақте Паёмбари акрам (с) хостанд вузӯ бигиранд, (бидуни ин ки Ӯ бидонад), зарфи обро барояшон бурда гузоштам, Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Кӣ ин зарфи обро гузоштааст?».*** *Гуфтанд: «Ибни Аббос». Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Худоё, ӯро аз дину дастуроти динӣ огоҳ кун!...».***[81]

4. Аз Рабиа ибни Шайбон (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Ба Ҳасан ибни Алӣ гуфтам: «Аз Расули Худо (с) чӣ чизеро ба ёд гирифтаву ҳифз кардаӣ?» Дар ҷавоб гуфт: Аз Ӯ (с) ба ёд дорам, ки фармуданд:* ***«Тарк кун он чиро, ки хубӣ ва бадӣ ва ё дар ҳалол ё ҳаром буданаш шакку шубҳа дорӣ ва баргир он чиро, ки дар хубӣ ҳалол буданаш яқин дорӣ, чун ростиву дурустӣ дар ҳар чизе мояи оромиши хотир ва итминони қалб аст ва дурӯғ боиси изтироб ва парешонӣ».***[82]

5. Аз Самура ибни Ҷундаб (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Дар замони Расули акрам (с) кӯдаке навҷавон будам ва аз он ҳазрат (с) аҳодис ҳифз мекардаму ба хотир мегирифтам ва дар маҷлиси Ӯ маро аз сухан гуфтану пурсидан манъ намекарданд, магар вақте ки ашхосе калонсолтару бузургтар аз ман он ҷо ҳузур медоштанд.*[83]

6. Аз Анас ибни Молик (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Ҳамроҳи Паёмбари акрам (с) назди писари навҷавони дӯзандае рафтам. Он писар як коса шӯрбо, дар он каду буд, пеши Паёмбар (с) овард ва он ҳазрат (с) амали ӯро пазируфтанд ва шуруъ ба хӯрдани он карданд ва аз он бештар кадуҳоро мехӯрданд. Ва ман кадуҳоро ҷамъ мекардам ва пеши дасти Ӯ мегузоштам. Ва ман аз он ба баъд пайваста каду ва хӯрдани онро дӯст медорам.*[84]

---

[79]. Ба ривояти Табаронӣ ва Ибни Наҷҷор аз Алӣ ибни Абутолиб (р).
[80]. Ба ривояти Имом Аҳмад ва Шайхон аз Анас (р).
[81]. Ба ривояти Бухорӣ аз Ибни Аббос (р).
[82]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Рабиа ибни Шайбон (р).
[83]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим аз Самура ибни Ҷундаб (р).
[84]. Ба ривояти Бухорӣ, Муслим, Тирмизӣ, Насоӣ ва Абудовуд. Ин ибора аз Бухорӣ аст.

7. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Рӯзе пушти сари Расули Худо (с) нишаста будам, фармуданд:* ***«Эй писар! Чанд калимаро ба ту ёд медиҳам,*** *(онҳоро барои ҳамеша ба хотир бигир: авомир ва навоҳии)* ***Худоро ҳифз ва риоя намо, Худованд низ туро*** *(аз ҳар гуна пешомади баде)* ***маҳфуз медорад. Худоро ба ёд дошта бош, ӯро ҳамеша дар пеши рӯи худ хоҳӣ ёфт, вақте чизе хостӣ, онро фақат аз Худо бихоҳ ва ҳар вақт кӯмаку ёрӣ талабидӣ, танҳо аз Худо талаб кун. Бидон, ки агар тамоми мардум ҷамъ шаванд, бар ин ки суде ба ту бирасонанд, ҷуз он чи, ки Худованд муқаддар кардааст, ба ту суд намерасонанд ва агар ҳама ҷамъ шаванд бар ин ки ба ту зарару зиёне бирасонанд, ҷуз он миқдор зиёне, ки Худованд муқаддар фармудааст, ба ту зарару зиён намерасонанд, чун ҳар чизе дар илму машийяти Худованд забту сабт шудааст ва ҳеҷ кас қодир ба суду зиён расондан нест, магар бо хост ва иродаи Худованд».***[85]

Дар ривояти дигар омадааст:

«*(Авомир ва навоҳии)* ***Худоро ҳифз кун ва онҳоро риоя намо, пайваста Худовандродар пеши рӯи худ хоҳӣ ёфт. Ва дар ҳолати осоиш ва фаровонии неъмат Худоро ба ёд дошта бош, Худованд низ туро дар ҳолати сахтӣ ва тангии маишат ба ёд медорад. Бидон! Он чи, ки барои ғайри ту муқаддар шудааст, ҳаргиз ба ту намерасад ва он чи, ки барои ту муқаддар шудааст, ҳатман ба ту мерасад. Огоҳ бош! Пирӯзӣ ҳамроҳ бо сабру бурдборӣ аст ва баъд аз сахтиву гирифторӣ кушоиш мебошад ва ба дунболи талхӣ ва душворӣ осоиш ва осудагӣ аст».***[86]

8. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Навҷавоне аз Аслам назди Расули Худо (с) омада гуфт: «Эй Расули Худо (с)! Ман мехоҳам ба ҷанг бо куффор биравам, аммо чизе, ки худро ба он муҷаҳҳазу муҳайё созам, надорам».* Расули Худо (с) фармуданд: ***«Назди фалон шахс бирав, зеро ӯ худро барои ҷиҳод муҷаҳҳазу омода сохта буд, аммо бемор шудааст*** *(ва наметавонад ба ҷанг биравад)****».*** Пас он навҷавон назди ӯ рафт ва гуфт: «*Расули Худо (с) бар ту салом мерасонанд ва мефармоянд:* ***«Он чиро, ки барои пайкор омодаву муҷаҳҳаз сохта будӣ, ба ман бидеҳ,*** *(то дар ҷанг бо куффор мавриди истифода қарор диҳам)****».*** Он мард ба хонаводаи худ хитоб карда гуфт: «*Он чиро, ки омодаву муҷаҳҳаз сохта будам, ба ӯ бидеҳ*

---

[85]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Ибни Аббос (р).

[86]. Ба ривояти Аҳмад, Ҳоким ва Табаронӣ.

*ва чизе аз онро нигоҳ мадор. Қасам ба Худо, агар чизе аз онро нигоҳ дорӣ, ҳатман Худованд онро барои мо муборак намегардонад!*[87]

9. Аз Абуумома (р) ривоят шуда, ки гуфт: «Паёмбари акрам (с) фармуданд: ***«Ҳар кӯдаке, ки дар роҳи ибодат*** *(ва бар асоси тақвои Худо)* ***рушду нумӯ кунад ва парвариш ёбад, то замоне, ки марги ӯ фаро мерасад, Худованд аҷру подоши наваду нӯҳ фарди содиқ ба ӯ ато мефармояд».***[88]

10. Аз Ҳасан писари Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: *«Расули Худо (с) ҷумлаҳои зерро ба ман омӯхтанд, то онҳоро дар намози витр бихонам:* ***«Худовандо, маро ҳидоят ва роҳнамоӣ фармо, ҳамроҳ бо касоне, ки ҳидоят кардаӣ ва ба ман офият ва тандурустӣ арзонӣ дор, ҳамроҳ бо касоне, ки ононро тандурусту офият арзонӣ доштаӣ ва маро сарпарастӣ кун, ҳамроҳ бо касоне, ки эшонро сарпарастӣ кардаӣ ва он чиро, ки ба ман ато фармудаӣ, онро муборак ва афзун гардон ва маро аз бадии он чӣ муқаддар фармудаӣ, маҳфуз дор, ба дурустӣ Ту фармон меронӣ ва доварӣ мекунӣ ва касе бар Ту фармон намеронад, бегумон касеро, ки Ту воло гардонӣ, хор нахоҳад шуд, Худовандо Ту муборак ва бузургворӣ».***[89]

11. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Пайғамбари акрам (с) фармуданд:* ***«Эй писарам! Аз рӯй гардондан дар намоз бипарҳез, зеро рӯй гардондан*** *(ва ба чап ё рост нигаристан)* ***дар намоз мӯҷиби нобудиву ботилшавии намоз мегардад ва агар рӯй гардондан лозим ва зарурӣ бошад, пас ин кор дар намози мустаҳаб ҷоиз аст, на дар намози воҷиб».***[90]

12. Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "Паёмбари акрам *(с) фармуданд:* ***«Вақте ки фарзандонатон ба синни ҳафтсолагӣ расиданд, ба онҳо намоз хонданро дастур диҳед ва вақте ба синни даҳсолагӣ расиданд ва намоз нахонданд*** *(ва дастури шуморо иҷро накарданд)* ***ононро танбеҳ кунед,*** *(ба гунае ки ба устухон ва гӯшти бадани онон садама нарасад)* ***ва аз даҳсолагӣ ба баъд бистари хоби ононро аз ҳам ҷудо кунед».***[91]

13. Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда ва гуфтааст: "*Писари навҷавоне назди Расули Худо (с) омад ва гуфт:* "Эй Расули Худо, ман мехоҳам ба ҳаҷ *биравам.* Расули Худо (с) ҳамроҳи ӯ ба роҳ афтода, фармуданд: **«Эй**

---

[87]. Ба ривояти Муслим ва Абудовуд аз Анас (р).
[88]. Ба ривояти Табаронӣ аз Абуумома (р).
[89]. Ба ривояти Абудовуд, Тирмизӣ ва Насоӣ аз Ҳасан ибни Алӣ (р).
[90]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Анас (р).
[91]. Ба ривояти Ҳоким ва Абудовуд аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р).

***писар! Худованд тақворо тӯшаи роҳ ту гардонад ва хайру некиро барои ту пеш орад ва ғуссаву нороҳатиро аз ту дур гардонад!».*** Вақте ки он писар аъмоли ҳаҷро анҷом доду баргашт, Расули Худо (с) ба ӯ фармуданд: ***«Эй писар! Худованд ҳаҷҷи туро қабул кунад ва туро омӯрзида, ризқу рӯзии нек насиби ту гардонад!».***[92]

14. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Рӯзе барои Паёмбари акрам (с) кор мекардам, баъд аз он ки дидам корам тамом шуд, бо худ гуфтам: «Он ҳазрат (с) баъд аз намози пешин каме мехобанд, пас ман ба назди кӯдаконе, ки бозӣ мекарданд, рафтам, то бозии ононро бингарам, ногаҳон дидам, Паёмбари акрам (с) омаданд ва бар он кӯдаконе, ки бозӣ мекарданд, салом карданд, баъд маро фаро хонданд ва ба дунболи кори зарурӣ ва шахсии худ фиристоданд, то онро барояшон анҷом диҳам. Ман низ барои анҷоми он кор рафтам ва он ҳазрат (с) дар сояе нишастанд ва мунтазир монданд, то ин ки ман он корро анҷом дода, ба наздашон баргаштам. Ва кореро, ки модарам маро барои анҷоми он фиристода буд, ба таъхир андохтам. Баъд аз ин ки назди модарам омадам, гуфт: «Чӣ чизе туро нигоҳ дошт ва ба таъхир андохт?» Гуфтам: «Расули Худо (с) маро ба дунболи кори зарурӣ хусусии худ фиристоданд, то барояшон анҷом диҳам». Модарам гуфт: «Он кор чӣ буд?» Гуфтам: «Кори сиррию маҳрамонаи Расули Худо (с) аст». Модарам гуфт: «Пас, рози Расули Худо (с)-ро нигоҳ дор».*

Собит мегӯяд: «*Сипас, Анас ба ман гуфт: «Эй Собит, агар он рози Паёмбарро ба касе мегуфтам, ҳатман нахуст ба ту мегуфтам».*[93]

15. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Пайғамбар (с) ба ман хитоб карда фармуданд:* ***«Эй писарам! Ҳар гоҳ вориди хона ва хонаводаи худ шудӣ, салом кун, чун салом кардан мӯҷиби хайру баракат барои ту ва аҳли хонаводаат мешавад».***[94]

16. Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт:
*«Паёмбари акрам (с) барои закоти фитрро фарз кард, барои ҳар фарди мусалмон як соъ аз хурмо, ё ҷав (ва ё гандум) барои ҳар ғулом, ё озод, мард ё зан ва бар ҳар фарди бузург, ё хурд дода шавад».*[95]

17. Аз духтари Ҳорис ибни Нӯъмон (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Сураи «Қоф»-ро аз даҳону забони худи Расули Худо (с) омӯхтам ва онро ҳифз кардам, ки дар ҳар ҷумъае тамоми онро қироат мекарданд*".[96]

---

[92]. Ба ривояти Ибни Синнӣ аз Ибни Умар (р).
[93]. Ба ривояти Имом Аҳмад, Бухорӣ ва Муслим. Ибора аз Имом Аҳмад аст.
[94]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Анас (р).
[95]. Ба ривояти Бухорӣ, Муслим, Молик, Насоӣ ва Абудовуд аз Абдуллоҳ ибни Умар (р).
[96]. Ба ривояти Муслим ва Ибни Хузайма аз Бинти Ҳориса (р).

18. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “*Як писарбаччаи яҳудӣ, ки барои Пайғамбар (с) кор мекард, бемор шуд. Паёмбар (с) ба аёдати ӯ рафта, бар болинаш нишастанд ва фармуданд:* ***«Мусалмон шав».*** *Он писар нигоҳе ба падари худ, ки дар канораш нишаста буд, кард ва ва ба ӯ расонд, ки мусалмон шавад ё на падараш ба ӯ гуфт: “Аз Абулқосим итоат кун ва мусалмон шав!” Пас, он писар мусалмон шуд ва гуфт:* ***«Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадар-расулуллоҳ».*** *Пас, Паёмбар (с) берун рафтанд, дар ҳоле ки мефармуданд:* ***«Ҳамду сипос Худоеро, ки он писарро*** *(ба васила мои ман)* ***аз оташи дӯзах наҷот дод».***[97]

19. Дар ривоят омадааст, ки *Пайғамбари акрам (с) ба Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар вохӯрданд, ки бо кӯдакону навҷавонон хариду фурӯш мекард. Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Худоё, муомала ва доду гирифти ӯро мубораку пурхайру баракат бигардон!».***[98]

20. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: “Паёмбари акрам *(с) хушхулқтарини мардум буданд ва бародаре доштам, ки ӯро Абуумайр мегуфтанд ва аз шир гирифта шуда буд ва парандаи хурде дошт, ки бо он бозӣ мекард. Ҳар вақте Расули Худо (с) назди мо меомаданд, ба бародари хурдам Умайр, ки бо паррандаи хурде бозӣ мекард, мефармуданд:* ***«Эй Абоумайр ин паррандаи хурд чӣ кор мекунад?».*** *Ва чӣ басо Расули Худо (с), дар ҳоле ки дар хонаи мо буданд, ҳангоми фаро расидани вақти намоз дастур медоданд, то гилеме, ки дар зери ӯ буд, пок шавад, сипас, меистоданд, намоз мехонданд ва мо низ пушти сари Ӯ намози ҷамоат мехондем…”*[99]

21. Аз Саъид ибни Ос (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “Паёмбари акрам *(с) фармуданд:* ***«Падар ҳеҷ ҳадяеро беҳтар ва бартар аз тарбияти хуб ба фарзанди худ набахшидааст».***[100]

22. Аз Абуҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Паёмбари акрам (с) мардеро диданд, ки писари навҷавоне ҳамроҳи ӯ буд, ба он писар фармуданд:***«Ин мард кист?».*** *Он писар гуфт: “Падари ман аст”. Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Пас, аз пеши ӯ роҳ марав,*** *(балки пушти сар ва ё дар канори ӯ роҳ бирав)* ***ва кори нописандеро анҷом мадеҳ, ки мавриди эътироз ва танбеҳ барои ту гардад ва пеш аз ӯ манишин ва ӯро бо исмаш садо макун».***[101]

---

[97]. Ба ривояти Бухорӣ аз Анас (р).
[98]. Ба ривояти Абуяъло ва Табаронӣ аз Амр ибни Ҳурайс (р).
[99]. Ба ривояти Бухорӣ, Муслим, Тирмизӣ ва Абудовуд аз Анас (р).
[100]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Саъид ибни Ос.
[101]. Ба ривояти Ибни Синнӣ аз Абуҳурайра (р).

23. Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуданд:*«**Касе, ки бо диди хашмолуд ба падарашро бингарад, ба ӯ некӣ накардааст»**.*[102]

24. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Пайғамбари акрам (с) фармуданд:«**Вақте падар ба фарзандаш бингарад ба гунае ки ӯро шоду масрур гардонад, ин амр барои фарзанд чунон аст, ки инсонеро озод намуда».** Арз карданд: «Эй Расули Худо (с)! Агарчи сесаду шаст бор бингарад? Фармуданд: **«Аллоҳу акбар! Худо аз ҳар кас ва ҳар чизе бузург аст».***[103]

25. Аз Убода ибни Сомит (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд: ***«Аз уммати ман нест касе, ки афроди бузурги моро эҳтиром накунад ва ба хурдсолони мо раҳм накунад ва ҳаққу ҳурмати олимон ва донишмандони моро нашиносад».***[104]

26. Аз Абуҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд:***«Касе, ки ба василаи оҳан** (ё ҳар чизи дигаре) **ба бародари динии худ ишора кунад** (ва ӯро таҳдид намояд ва битарсонад),**фариштагон ӯро нафрин мекунанд, то ин ки ӯро тарк кунаду ба ҳоли худ бигзорад, агарчи бародари падариву модарияш бошад».***[105]

27. Аз Абдуллоҳ ибни Биср (р), саҳобаи Пайғамбар (с) ривоят шуда, ки гуфтааст: "Вақте *Паёмбар (с) ба дами дари касе меомаданд ва мехостанд иҷозати вуруд ба он бигиранд, дар тарафи рост ё чапи дар меистоданд. Агар бароящон иҷозаи вуруд дода мешуд, дохил мешуданд, вагарна бармегаштанд"*.[106]

28. Аз Умар ибни Абусалама (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: *«Ман писарбаччае будам зери сарпарастӣ ва тарбияи Пайғамбар (с). Вақте таом мехӯрдам, дасти худро ба атрофи зарфи таом дароз мекардам ва мекашидам. Паёмбар (с) ба ман фармуданд: **«Эй писар! Ҳангоми хӯрдани таом «бисмиллоҳ» бигӯ ва бо дасти рост бихӯр, аз пеши худат бихӯр»!** Ман аз он ба баъд, пайваста мутобиқи он равви ва раҳнамоии он ҳазрат (с) таом мехӯрдам».*[107]

29. Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуданд: ***«Касе ба кӯдаке бигӯяд: "Биё, то инро ба ту бидиҳам, аммо ба ӯ надиҳад,** (ба унвони) **дурӯғе барои ӯ навишта мешавад ва гуноҳ ба ҳисоб меояд».***[108]

---

[102]. Ба ривояти Табаронӣ аз Оиша (р).
[103]. Ба ривояти Табаронӣ аз Ибни Аббос (р).
[104]. Ба ривояти имом Аҳмад ва Табаронӣ аз Убода ибни Сомит (р).
[105]. Ба ривояти Муслим аз Абуҳурайра (р).
[106]. Ба ривояти имом Аҳмад ва Абудовуд аз Абдуллоҳ ибни Биср (р).
[107]. Ба ривояти Бухорӣ, Муслим, Молик, Абудовуд, Тирмизӣ аз Умар ибни Абусалама (р).
[108]. Ба ривояти Имом Аҳмад аз Абуҳурайра (р).

30. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “*Паёмбари акрам (с) ба ман фармуданд:* ***«Эй писарам! Агар тавонистӣ, ки субҳу шом кунӣ бидуни ин, ки ғиллу ғаш ва фиребу найранг нисбат ба касе дар дил дошта бошӣ, пас чунон бош*** *(ва то метавонӣ ҳамин корро бикун)****».*** *Баъд фармуданд:* ***«Эй писарам!*** *(Бидон, ки)* ***ин кор аз суннату равиши ман мебошад ва ҳар кас суннати маро зинда бидорад, ба ҳақиқат маро дӯст медорад ва ҳар кас маро дӯст бидорад, фардои қиёмат дар*** *биҳишт* ***ҳамроҳи ман мебошад».***[109]

31. Аз Анас ибни Молик (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “*Муддати даҳ сол хидмати Расули Худо (с)-ро намудам. Қасам ба Худо, дар ин муддат ҳаргиз ба ман “уфф” нагуфтанд ва ҳеҷ гоҳ намегуфтанд, ки чаро чунину чунон кардӣ?”*

Дар ривояти Муслим ин иборат афзуда шудааст, ки Анас (р) гуфт: “Паёмбари акрам *(с) хушхулқтарини инсонҳо буданд, рӯзе маро барои анҷоми коре фиристода буданд. Ва ман бо худ гуфтам: «Меравам барои анҷом додани он чи, ки Расули Худо (с) ба ман дастур додаанд, нахоҳам рафт. Пас рафтам, то ин ки бо иддае аз кӯдакон, ки дар бозор бозӣ мекарданд, пурсам, ногаҳон дидам, ки Расули Худо (с) пушти сарам мебошанд. Ба ӯ нигаристам, дидам, ки механданд ва фармуданд:* ***«Эй Анаси хурдсол, оё ба он ҷое ки ба ту дастур додам, рафтӣ?».*** *Гуфтам: «Оре, эй Расули Худо (с) ҳатман меравам».*

Анас мегӯяд: «*Қасам ба Худо, муддати нуҳ сол, ки барои он ҳазрат (с) хидмат кардам, ҳеҷ гоҳ надидаам дар бораи коре, ки анҷом додам, бифармоянд: «Чаро чунину чунон кардӣ?» Ва ё дар бораи он чӣ, ки анҷом нагодаам, бифармоянд: «Чаро онро тарк намудӣ ва анҷом надодӣ?»*

Ҳамчунин дар ривояти имом Аҳмад ин ибора омадааст, ки Анас (р) гуфт: «*Даҳ сол барои Паёмбари акрам (с) хидмат намудам, ҳар кореро, ки ба ман дастур медоданд ва ман аз анҷоми он таъхир ва ё кӯтоҳӣ меварзидам ва ё онро хароб ва зоеъ менамудам, ҳаргиз маро мавриди маломат ва сарзаниш қарор намедод ва агар аҳёнан яке аз афроди аҳли байташон маро сарзаниш менамуданд, он ҳазрат (с) мефармуданд:* ***«Аз ӯ даст бардоред ва ба ҳолаш бигузоред. Ва мефармуданд: «Агар бар анҷоми он қодир мебуд ва ё муқаддар мешуд, ҳатман онро анҷом медод ё анҷом мегирифт».***[110]

32. Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки Паёмбари акрам *(с) фармуданд:* ***«Касе, ки се духтар ва ё се хоҳар дошта бошад, ё ин ки ду духтар ва ё ду хоҳар дошта бошад ва ба хубӣ бо онон рафтору***

[109]. Ба ривояти Тирмизӣ аз Анас (р).
[110]. Ба ривояти Имом Аҳмад, Бухорӣ, Муслим ва Абудовуд аз Анас ибни Молик (р).

***ҳамзистӣ намояд ва дар бораи онон аз Худо битарсад, дохили биҳишт хоҳад шуд».***[111]

33. Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: *“Нахустин меваи дарахти наврасро барои Паёмбари акрам (с) меоварданд ва мефармуданд:* ***«Худовандо! Дар шаҳри мо*** *(Мадина)****, дар самарҳову меваҳои мо ва дар ризқу рӯзии мо хайру баракати дучандон ва пай дар пай иноят бифармо!».*** *Сипас, он ҳазрат (с) ин аввалин самарии наврасро ба тартиб ба фарди хурдтари кӯдаконе, ки дар он ҷо ҳузур доштанд, ато мефармуданд.*[112]

34. Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: “Паёмбари акрам *(с) фармуданд:* ***«Ман ва сарпарасти ятим бо ҳам дар биҳишт мебошем, ба монанди ин ду ва ишора фармуданд ба ду ангушти сабобаву вусто ва миёни он ду фосила андохтанд».***[113]

35. Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари акрам (с) фармуданд: ***«Қасам ба зоте, ки вуҷудам дар яди қудрати Ӯст, ҳеҷ яке аз шумо имони комил надорад, магар ин ки ман*** *(ва аҳкоми дини ман)* ***назди ӯ аз падар ва фарзандаш ва аз ҳамаи мардум маҳбубтар бошам!».***[114]

36. Аз Зайд ибни Собит (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: *“Вақте ки Паёмбари акрам (с) вориди Мадина шуданд, маро назди ӯ бурда гуфтанд: “Эй Расули Худо (с)! Ин писари навҷавон аз қавми бани Наҷҷор мебошад ва аз Қуръоне, ки аз тарафи Худованд бар шумо нозил шудааст, ҳабдаҳ сура аз онро хондаву ҳифз кардааст. Зайд ибни Собит мегӯяд: “Ман низ он чӣ аз Қуръонро, ки хонда будам, барои Расули Худо (с) хондам ва он ҳазрат (с) низ аз он тааҷҷуб карданду бисёр хушҳол шуда, сипас фармуданд:* ***«Эй Зайд, хондан ва навиштани забони яҳудро барои ман биомӯз, зеро ман, ба Худо қасам нисбат ба навиштаҳоям аз яҳуд дар амон нестам!».***[115]

Зайд мегӯяд: “Бинобар ин, ман *дар муддати понздаҳ рӯз хондан ва навиштани забони яҳудиро ба хубӣ ёд гирифтам ва дар он маҳорат пайдо кардам. Аз он баъд, ҳар гоҳ Расули Худо (с) мехостанд номае барои онон бинависанд, ман онро барояшон менавиштам. Ва ҳар вақт онон номае барои он ҳазрат (с) менавиштанд, ман онро барояшон мехондам”.*

Дар ривояти дигар омадааст, Зайд ибни Собит (р) гуфт: *“Расули Худо (с) ба ман фармуданд:* ***«Оё хондан ва навиштани забони сурёниро хуб медонӣ? Чун аз ҷониби онҳо номаҳое ба ман мерасад».*** *Гуфтам: “Не,*

---

[111]. Ба ривояти Абудовуд, Тирмизӣ, Бухорӣ дар «Ал-Адабу-л-муфрад» ва Ибни Ҳиббон дар «Саҳеҳ аз Абусаъиди Худрӣ (р).

[112]. Ба ривояти Муслим аз Абуҳурайра (р).

[113]. Ба ривояти Бухорӣ аз Саҳл ибни Саъд (р).

[114]. Ба ривояти Бухорӣ, Муслим ва Насоӣ аз Анас (р).

[115]. Ба ривояти Абудовуд, Тирмизӣ ва Ҳоким, метавон ба силсилаи Ал-Аҳодису-с-саҳеҳа» шумораи ҳадиси 187 муроҷиат намуд.

*намедонам". Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Пас онро ёд бигир».*** *Ман низ онро дар муддати ҳабдаҳ рӯз ёд гирифтам".*[116]

37. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "Расули Худо барои Ҳасан ва Ҳусайн дуъо мекарданд ва оноро ба Худо месупурданд ва мефармуданд: ***«Шуморо ба гуфтаҳои тамом ва комили Худованд месупорам ва шуморо ба Худо паноҳ медиҳам аз шарри ҳар шайтон ва мавҷуди зараррасон ва заҳрнок ва аз ҳар чашми бад ва ҳасуде».*** *Сипас ба онон хитоб карда, мефармуданд:* ***«Падари шумо*** *(яъне Иброҳими Халил)* ***ба василаи ин калимаҳои комил ва холӣ аз ҳар навъ айбу нуқсоне*** *(писарони худ)* ***Исҳоқ ва Исмоилро ба Худо паноҳ медод ва ба Ӯ месупурд».***[117]

38. Аз Абдуллоҳ ибни Ҳорис (р) ривоят шуда ва гуфтааст: "*Паёмбари акрам (с) Абдуллоҳ ва Убайдуллоҳ ва бисёре аз бани Аббос (р)-ро таъриф мекарданд ва ононро дар як саф қарор медоданд ва мефармуданд:* ***«Ҳар касе аз шумо зудтар ба назди ман бирасад ва аз дигарон сабқат ҷӯяд, барои ӯ фалон чизро медиҳам».***[118] *Пас онон ба сӯи Ӯ медавиданд ва аз якдигар сабқат меҷустанду худро бар пушт ва синаи Паёмбар (с) меандохтанд ва он ҳазрат (с) низ эшонро дар оғӯш мегирифтанду мебӯсиданд.*

39. Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Фазл ибни Аббос дар пушти сари Расули Худо (с) савори чорпое шуд. Ногаҳон зане аз қавми «Хасъам» назди он ҳазрат (с) омад, то дар бораи мавзӯе аз Ӯ савол кунад. Дар ин асно Фазл шурӯъ ба нигаристани он зан кард ва худи зан низ ба ӯ нигоҳ мекард. Расули Худо (с) рӯи Фазлро ба тарафи дигар баргардонданд ва аз нигоҳ кардан бозмедоштанд..."*[119]

40. Аз Абуумома (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: "*Ҷавоне аз Қурайш ба назди Паёмбар (с) омад ва гуфт: "Эй Расули Худо (с), оё ба ман иҷозаи зиноро медиҳӣ! (Инро ки гуфт) афроди ҳозир дар он ҷо бо хашм ва асабоният бар ӯҳамлавар шуданд ва ӯро ронданд ва озор доданд. Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Даст нигоҳ доред ва ӯро пеш биёред!».*** *Мардум ӯро пеши он ҳазрат (с) burданд ва он ҳазрат (с) ӯро назди худ шинонда фармуданд:* ***«Оё ту амали зиноро барои модарат дӯст медорӣ?».*** *Он ҷавон гуфт: «Не, фидоятон шавам, эй Расули Худо(с)! Валлоҳи ҳаргиз онро барои ӯ дӯст надорам». Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Мардум ҳам онро барои модарони худ дӯст намедоранд».*** *Бозон ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Оё он амалро барои духтари худ меписандӣ?».*** *Он шахс гуфт: «Не, қурбонатон гардам, эй*

---

[116]. Ба ривояти Абуяъло ва Ибни Асокир аз Зайд ибни Собит (р).
[117]. Ба ривояти Бухорӣ, Тирмизӣ ва Абудовуд аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р).
[118]. Ба ривояти Имом Аҳмад аз Абдуллоҳ ибни Ҳорис (р).
[119]. Ба ривояти Бухорӣ, Тирмизӣ ва Абудовуд аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р).

*Расули Худо (с)! Қасам ба Худо, онро ҳаргиз барои ӯ намеписандам! Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Мардум низ онро барои духтарони худ намеписанданд».*** *Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Оё он амалро барои хоҳари худ меписандӣ?».*** *Он ҷавон гуфт: «Фидоятон шавам эй Расули Худо, не, валлоҳи онро барои ӯ намеписандам». Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Мардум низ онро барои хоҳарони худ намеписанданд».*** *Ва фармуданд:* ***«Оё онро барои аммаат меписандӣ?».*** *Он ҷавон гуфт: «Не, қурбонатон шавам, валлоҳи онро намеписандам!» Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Мардум низ онро барои аммаҳои хеш намеписанданд».*** *Сипас фармуданд:* ***«Оё амали зиноро барои холаат меписандӣ?».*** *Ҷавон гуфт: «Не, фидоятон шавам!» Он ҳазрат (с) фармуданд:* ***«Мардум ҳам онро барои холаҳои худ намеписанданд»…***

Баъд аз ин пурсишҳову ҷавобҳо он ҳазрат (с) дасти хешро рӯи синаи он ҷавон гузошта, фармуданд:***«Худоё, гуноҳи ӯро бибахш ва қалбашро*** *(аз чунин афкори фосид)* ***пок гардон ва ӯро аз муртакиб шудан ба гуноҳ маҳфуз бидор!».***[120]

Мегӯянд, он ҷавон баъд аз ин раҳнамоиҳо ва дуъои хайри Паёмбари акрам (с) аз амали зино мутанаффир шуд ва ҳеҷ гоҳ дар бораи амали ҳаром ва  нигаристан ба занони номаҳрам, намеандешид...

## Хотимаи сеюм

## Дар бораи дуоҳое дар робита бо сипосгузорӣ аз Худованд

1. Ҳамду сипос сазовори Худое аст, ки ба василаи иззату ҷалоли Ӯ некиҳову аъмоли солеҳ комил мешаванд.[121]
2. Парвардигоро! Ҳамду ситоиш фақат сазовори Туст, ҳамон тавре ки лозим аст, танҳо барои Зоти зулҷалолу азамати қудрат ва тавоноии Ту ҳамду ситоиш ба амал меояд.[122]
3. Бор Илоҳо! Моро биомӯрз, ба мо раҳм бифармо, аз мо хушнуд шав ва аъмоли моро қабул кун. Худоё! Моро дохили биҳишт бигардон ва аз оташи дӯзах раҳоӣ бахш. Парвардигоро! Ба таври куллӣ  шаъну ҳоли мороислоҳ бифармо.[123]

---

[120]. Ба ривояти Аҳмад ва Табаронӣ аз Абуумома (р).
[121]. Ба ривояти Ҳоким.
[122]. Ба ривояти Аҳмад ва Ибни Моҷа.
[123]. Ба ривояти Абудовуд ва Ибни Моҷа.

4. Худоё! Оқибати моро дар тамоми корҳо хуб бигардон ва моро аз лағжишу хории дунявӣ ва аз азобу иқоби ухравӣ маҳфуз бидор.[124]

5. Худоё! Эй касе, ки зебоиҳоро ошкору зиштиҳоро пинҳон медорӣ, Эй касе, ки ҳаргиз ба ҷиноят муттаҳам намешавӣ,

Эй бисёр бахшандаву соҳибгузашт.

Эй Зоте, ки дорои мағфирати васеъ ва раҳмати густурдае ҳастӣ.

Эй соҳиби ҳар наҷвое ва мунтаҳои ҳар шаквое.

Эй саховатгустар ва миннатгузори азим.

Эй касе, ки оғозгари неъматҳо қабл аз истиҳқоқи онҳоӣ ва эй Парвардигору сарвару мавлои мо ва эй ниҳояти рағбати мо ва умеди мо! Эй Худои Меҳрубон! Хозеъона аз Ту мехоҳам, ки хулқу хӯи моро бо палидиҳову зиштиҳо олуда насозӣ (гӯшту устухонам)-ро ба оташи дӯзах бирён накунӣ...[125]

6. Бор Илоҳо! Ман собитқадамиву устуворӣ дар корҳоро ва иродаи росиху тасмими қотеъро аз Ту мехоҳам. Парвардигоро! Аз ту қудрати шукргузории неъматҳоро ва тавоноии хуб бар адои тоату ибодати Туро металабам. Аз Ту хостори забони содиқу қалби солимам. Илоҳо! Ба Ту паноҳ меоварам аз шарри он чӣ, ки Худ медонӣ ва аз Ту хайру баракати он чизеро мехоҳам, ки Худ салоҳ мебинӣ. Худоё! Аз ҳар чизе, ки Ту медонӣ (ва ман намедонам), аз Ту талаби мағфирату омӯрзиш дорам, ба ростӣ, Ту бисёр огоҳ ба пӯшидаҳо ҳастӣ...[126]

7. Худоё! Бар ризқу рӯзӣ ва зоду тӯшаи охирати мо биафзо ва онро ноқис макун, моро гиромиву обрӯманд бигардон ва хору беобрӯямон масоз! Парвардигоро! Моро аз атову бахшиши Худ баҳраманд кун ва аз он маҳрум магардон! Моро фузуну бартар бигардон ва касеро бар мо фузуну бартар магардон! Худоё! Моро хушнуд кун ва аз мо розӣ шав![127]

8. Худоё! Ба мо тавфиқи зикру шукр ва ҳусни тоату ибодати Хешро иноят бифармо![128]

9. Бор Илоҳо! Маро бисёр шикебову шукргузор бигардон ва маро дар назари хеш хурду ночиз ва дар назари мардум бузургу гиромӣ бидор![129]

---

[124]. Ба ривояти Ибни Ҳиббон.

[125]. Ба ривояти Ҳоким дар «Мустадрак». Ҷабраил (а) ин дуоро бар Пайғамбари акрам (с) ба унвони ҳадяе аз ҷониби Худованд овард.

[126]. Ба ривояти Тирмизӣ ва Ибни Ҳиббон.

[127]. Ба ривояти Тирмизӣ ва Ҳоким.

[128]. Ба ривояти Ҳоким.

[129]. Ба ривояти Баззор.

10. Худоё! Аз Ту илми судманд мехоҳам ва ба Ту паноҳ меоварам аз илме, ки муфид набошад.[130]

11. Парвардигоро! Ёриям деҳ ва касеро бар зидди ман ёрӣ мадеҳ, маро пирӯз бигардон ва касеро бар ман пирӯз магардон, ба суду манфиати ман тадбиру чораҷӯӣ бинамо ва ба зарару зиёни ман тадбиру чораҷӯӣ манамо! Бор Илоҳо! Маро ҳидоят кун ва роҳи ҳидоятро бароям осон бигардон, маро дар баробари касе, ки бар ман ситаму дастдарозӣ мекунад, пирӯзу растагор гардон! Парвардигоро! Маро барои Худат бандаи бисёр зокиру шокир, тарсону фармонбардор бигардон ва маро фарди оромишёбандаву мурочиаткунанда ба сӯи Худат қарор деҳ! Худоё! Тавбаамро бипазир, гуноҳонамро пок кун, дуоямро иҷобат фармо, ҳуҷҷати маро собит бигардон, забонамро росту содиқ нигоҳ дор, қалбамро ҳидоят кун ва уқдаҳои ботиниву гиреҳҳоямро бикушо ва берун кун![131]

12. Худоё! Гуноҳону хатоҳо ва ҷароими амдии маро бибахш![132]

13. Худоё! Динамро, ки мӯҷиби исмату покии кори ман аст, саҳеҳу солим нигоҳ дор ва дунёе, ки умури зиндагии ман дар он аст, бароям хубу солим бигардон! Охиратамро, ки баргаштам ба он ҷост, солиму матлуб бисоз! Худоё! Зиндагиро дар ҳар кори хайр бароям афзун бигардон ва маргро барои ман василаи роҳату раҳоӣ аз ҳар навъи бадӣ қарор деҳ![133]

14. Худоё! Аз корҳои нописанд, ахлоқи зишт ва орзуҳои нафсонӣ ба Ту паноҳ мебарам,.[134]

15. Худоё! Аз илми бефоида, қалбе, ки хошеъу тарсон набошад, дуое ки қабул нагардад ва аз нафсе, ки сер намешавад, ба Ту паноҳ мебарам.[135]

16. Худоё! Аз шарри он чи анҷом додаам ва он чи, ки ҳанӯз анҷом надодаам, ба Ту паноҳ мебарам.[136]

17. Худоё! Аз сангдиливу ғафлат, рафтан зери бори оиламандӣ, зиллату хорӣ ва аз фақру нотавонӣ ба Ту паноҳ меоварам. Илоҳо! Аз бенавоӣ, куфр, аз гуноҳу маъсият, ихтилофу ҷабҳагирӣ ва аз худнамоиву риёкорӣ ба Ту паноҳ мебарам. Парвардигоро! Аз

[130]. Ба ривояти Ибни Ҳиббон.
[131]. Ба ривояти Абудовуд, Тирмизӣ, Насоӣ, Ибни Моҷа ва Ибни Ҳиббон.
[132]. Ба ривояти Табаронӣ дар «Ал-Авсат»
[133]. Ба ривояти Муслим ва Ибни Ҳиббон.
[134]. Ба ривояти Тирмизӣ ва Ибни Ҳиббон.
[135]. Ба ривояти Ҳоким дар «Мустадрак» бо санади саҳеҳ. Ва Ибни Абушайба дар «Мусаннаф».
[136]. Ба ривояти Муслим, Абудовуд, Насоӣ ва Ибни Ҳиббон.

ношунавой, лол шудан, девонагӣ, ҷузом ва аз бадии ҳамаи бемориҳо ба Ту панох меоварам...[137]

18. Худовандо! Дуруд бар Муҳаммаду оли Муҳаммад бифирист, ба ҳамон гунае ки дуруд бар Иброҳиму оли Иброҳим фиристодӣ! Муҳаммад ва оли Ӯро муборак бигардон, ҳамон тавре, ки Иброҳиму оли Иброҳимро дар ду ҷаҳон муборак гардондӣ! Бешак, Ту ситудаву соҳиби шукӯҳу ҷалолӣ...[138]

19. Бор Илоҳо! Қалбамро аз нифоқ, илмамро аз риё, забонамро аз дурӯғ, чашмонамро аз хиёнат поку дур бигардон. Ба ростӣ, Ту ба хиёнати чашмҳо ва ба он чи дар дилҳову синаҳо нуҳуфта аст, огоҳ мебошӣ.

20. Худоё! Ман аз Ту зиндагии софу содда, марги ба роҳату обрӯмандона ва бозгашти бидуни хориву расвой мехоҳам!

*Омин! Ё Рабба-л-ъоламин*

*Поёни тарҷума*

*Ва саллаллоҳу ало сайидино Муҳаммад*
*ва ало олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин.*

*Ва охиру даъвоно ани-л-ҳамду лиллоҳи рабби-л-ъоламин.*

[137]. Ба ривояти Ибни Ҳиббон ва Табаронӣ.
[138]. Ба ривояти Муслим.

IslamHouse.com